ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ИМА ДОКТОРИ РИЁЗӢ ШУД с.8
ФАСОД Ё ХИЁНАТ? ГУНОҲИ МУОВИНИ ВАЗИР ЧИСТ? с.4
БОЗДОШТИ 5 ТОҶИК ДАР ОЛМОН с. 11





# ТОҶИКИСТОН

№18 (1581), 01.05.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


# ЧОРАИ МУВАҚҚАТӢ?

## Муҳоҷирони тоҷикро дар Русия чӣ интизор аст








## МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018

— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*Маҷмааи бисёрфунксионалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновари дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**СУОЛИ РӮЗ**
Нақшаи даъват чанд фоиз иҷро шуд? с.2

**СОДИР ҶАББОРОВ:**
Масъалаи марз ҳал мешавад с.4

**РАВОДИД**
Тоҷикистон онро ба 25 кишвар бекор кард с.3

**ПОЙТАХТ**
Чаро бунёди Боғи ҳайвонот кашол ёфт? с.5

**АБДУЛҚАЮМИ ҚУРБӢ**
Дар саргаҳи матбуот ва худшиносии миллӣ с.9

**ҶАҲОН**
Ҳукми қатли Бобак Занҷонӣ бекор шуд с.4

**ФОҶЕА**
Мард чаро ҳамсару хушдоманашро кушт? с.11

**ВАРЗИШ**
100 ҳазор доллари Рустами Эмомалӣ ба варзишгарон с.10

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар диғар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## Сарвазири Қазоқистон:
# ТОҶИКИСТОН ШАРИКИ БОЭЪТИМОДИ МО АСТ

**Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Қазоқистон Олжас Бектенов таҳкими ҳамкориҳоро баррасӣ карданд. Сарвазири Қазоқистон Олжас Бектенов бо сафари расмӣ 30-юми апрели соли равон вориди шаҳри Душанбе шуда буд.**

### $1,1 млрд гардиши мол

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо Сарвазири Қазоқистон Олжас Бектенов изҳори хушнудӣ намуд, ки шарикии стратегии ду кишвар дар тамоми соҳаҳо босуръат густариш меёбад. "Мо манфиатдорем, ки заминаи ҳамкории ду кишвар минбаъд ҳам мустаҳкам шавад",- таъкид дошт Эмомалӣ Раҳмон.

Бино ба иттилои расмӣ, ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкории кишварҳоро дар соҳаҳои афзалиятноки тиҷоратию иқтисодӣ, бахусус энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, молиявию бонкӣ, сармоягузорӣ, маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ баррасӣ намуданд.

«Тоҷикистонро мо шарики боэътимоди стратегӣ ва ҳампаймон медонем, байни кишварҳои мо ҳеҷ масъалаи ҳалношуда набуд ва нест, ҳамаи онҳо дар рӯҳияи ҳампаймонӣ ва бародарӣ ҳал мешаванд",- изҳор дошт Олжас Бектенов.

Зикр гардидааст, ки соли гузашта гардиши мол миёни кишварҳо ҳудуди беш аз 1,1 млрд долларро ташкил дода, барои боло бурдани ин нишондод тадбирҳои муштарак андешидан лозим аст.

Зарур дониста шудааст, ки дар ин самт иктидори Комиссияи байниҳукуматии ҳамкории иқтисодӣ бештар истифода шавад ва иҷрои шартномаву қарордодҳои ба маблағи тақрибан се миллиард доллар қаблан баста шуда зери назорат бошад.

Ҷалби сармоя ба соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб судовари саноати сабук ва кӯҳӣ, хӯрокворӣ, кимиё, металлургияи ранга, мошинсозӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ муҳим шумурда шуд.

Ҷонибҳо бо изҳори қаноатмандӣ ба роҳ мондани хатсайрҳои мустақими мусофиркашониро тавассути нақлиёти заминӣ ва дубора оғоз гардидани хатсайрҳои нақлиёти ҳавоиро миёни пойтахтҳои ду кишвар таъкид карданд.

### Кумакҳои башардӯстона

Сафари Олжас Бектенов ба Душанбе дар ҳолест, ки қаблан Тоҷикистон аз аввалинҳо шуда ба мардуми аз офатҳои табиӣ зарардидаи Қазоқистон кумаки башардӯстона фиристод.

Он аз хӯрокворӣ, оби нӯшокӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ва болопӯши хонаҳо иборат мебошад ва дар маҷмуъ беш аз 3 ҳазору 500 тоннаро ташкил медиҳад. Кумаки башардӯстона аз шаҳри Душанбе тариқи қатора дар 50 вагони боркаш ва аз шаҳри Хуҷанд тавассути 11 вагону 13 мошини боркаш ба самти Қазоқистон дар ҳузури намояндагони масъули Тоҷикистон ва Қазоқистон ба роҳ баромад.

Бояд гуфт, ки моҳи апрели соли равон дар натиҷаи обхезӣ дар панҷ минтақаи Қазоқистон 4870 бинои истиқоматии сокинони ин минтақаҳо зери об монда, ба иқтисодиёти ин кишвар хисороти зиёд расид.

Зимнан, Қазоқистон низ ба Тоҷикистон пайваста кумакҳои башардӯстона мефиристад. Кумакҳои ин кишвар бештар аз мазуту равғани дизелӣ иборат аст, ки ба соҳаи энергетика равона мешавад. Ҳоло ду кишвар талош доранд, ки ҳамкориро дар ҳама самтҳо, махсусан саноат тақвият бахшанд.



*Эмомалӣ Раҳмон бо Олжас Бектенов*

# НАҚШАИ ДАЪВАТ 70 ФОИЗ ИҶРО ШУД

**Дар Тоҷикистон нақшаи даъвати баҳории ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ 70 дарсад иҷро шуд.**

Дар ин бора Вазорати мудофиаи Тоҷикистон хабар медиҳад.

Ҳамин тавр, давоми 1 моҳ дар манотиқи кишвар нақшаи даъват ба таври зайл иҷро шудааст:
- **шаҳри Душанбе - 51%;**
- **вилояти Суғд - 55%;**
- **вилояти Хатлон - 86%;**
- **шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ - 74%;**
- **ВМКБ - 100%.**

## САРИ САБЗ



**Шоистаи РАВШАН,**
**адиб, тарҷумон ва пажӯҳишгари тоҷик**

**- Шукр мегӯям, ки кӯдакии рангин доштам, зеро ҳоло чунин фазо кариб вуҷуд надорад. Ҳоло кам волидонро метавон воҳӯрд, ки бо фарзандони худ рақс мекунанд. Рақс - ин неъзи рӯҳи инсон аст.**

*- Ҳоло ҳам кӯдакҳо кӯдакии рангин доранд, муаллима, шояд аз кӯдакиҳои он замон ҳам рангин. Фақат мушкил ин ки, мо масалан мисли онҳо мӯдҳои нави рақсро иҷро карда наметавонем.*



**Пайрав ВОҲИДОВ,**
**сармураббии Тими миллии футзали Тоҷикистон**

**- Дар бозӣ бо Афғонистон бозигарони мо барои ноил шудан ба натиҷа зери фишор буданд. Ба бачаҳо гуфтем, ки бозии худро нишон диҳанд ва асабонӣ нашаванд. Хушбахтона, бахт аз ҷониби мо буд.**

*- Ҳммм, назаратон нофаҳмост, ҷаноб. Бозигарони мо зери фишори кӣ буданд? Ё вақти рӯ ба рӯ шудан бо бозигарони афғон зери фишори тарс қарор гирифтанд?*



**Сарвиноз НОРҚУЗИЕВА,**
**омӯзгори забони англисӣ**

**- Мо мехоҳем, ки фарзандонамон муваффақ шаванд, аммо афсӯс, ки на ҳама духону сехонҳо тоҷир мешаванд. Агар ба моҳӣ ба дарахт баромаданро ёд диҳем, ҳеҷ гоҳ аз уҳдаи ин кор баромада наметавонад.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, аз ханда кушитед бо чунин тамсилу фалсафаатон! Фарзандони мо моҳӣ не ку. Ба кӯдакони имрӯза ёд диҳед, аз уҳдаи дилхоҳ кор мебароянд.*

# ЧОРАИ МУВАҚҚАТӢ?

## Муҳоҷирони тоҷикро дар Русия чӣ интизор аст?

**Тайи 10 рӯзи охир садҳо шаҳрванди Тоҷикистон дар фурудгоҳҳо ва гузаргоҳҳои заминии Русия банд мондаанд. Маъмурони марзии Русия онҳоро мӯшикофона тафтиш ва бархеҳоро умуман иҷоза надода, дубора ихроҷ мекунанд.**




### Изҳороти ВКХ

Рӯзи 28-уми апрел ВКХ-и Тоҷикистон бо нашри як изҳорот гуфт, ки то поёни рӯзи 27-уми апрел 954 шаҳрванди Тоҷикистон дар фурудгоҳи байналмилалии "Внуково"-и Русия бидуни фароҳам овардани шароити санитарӣ қарор доранд. Миёни онҳо донишҷӯёни тоҷик низ ҳастанд, ки аз ҳисоби квотаҳои таълимии Русия дар ин кишвар таҳсил мекунанд.

"Аз шумори умумии шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар фурудгоҳи "Внуково" банд мондаанд, пас аз соатҳои зиёди интизорӣ 322 нафарро ба қаламрави Русия роҳ додаанд. Дар ҳамин ҳол, тибқи иттилои мавҷуда, мақомоти Русия қасд доранд 306 нафарро ба истилоҳ ба "рӯйхати ихроҷ" ворид кунанд. Теъдоди онҳое, ки алакай ихроҷ шудаанд, 27 нафар мебошад",- иттилоъ медиҳад ВКХ.

Ба гуфтаи намояндаи ин ниҳоди дипломатӣ, чунин бархӯрд аз сӯи маъмурони Русия танҳо нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон татбиқ мешавад.

### Чораи пешгирӣ аз терроризм

Зимнан, Вазорати корҳои хориҷии Русия ба таври расмӣ дар гузаргоҳҳои марзии Русия муддати тӯлонӣ маътал шудани шаҳрвандони хориҷиро бо "чораҳои пешгирӣ аз терроризм" алоқаманд кард ва умедвори "ҳусни тафоҳум" дар ин бобат шуд.

"Ҳодисаҳои фоҷиавӣ дар "Крокус Сити Холл"-и Маскав сабаби асосии тафтиши ҳамаҷонибаи шаҳрвандони хориҷӣ шудааст. Махсус таъкид шуд, ки чорабинии ахир хусусияти муваққатӣ дошта, он зидди кадом миллату дине равона нашудааст ва ин ҳолат ба оҳистагӣ дар гузаргоҳҳо оддӣ мешавад",- гуфта мешавад дар хабарномаи ВКХ-и Русия.

ВКХ-и Русия ҳам навишт, ки ҷонибҳо дар мавриди зарурати муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқии Тоҷикистону Русия, инчунин, нигоҳ доштан ва таҳкими динамикаи мусбати ҳамкориҳои ду кишвар ибрози назар карданд.

Ҷониби Русия гуфта буд, ки "чунин иқдомот табиати муваққатӣ дошта, сарфи назар аз миллияти шахсоне, ки вориди кишвар мешаванд, сурат мегиранд".

### Нотаи эътирозӣ

Билохира, 29-уми апрел Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон сафири Русия дар кишвар Сергей Григорevро даъват карда, дар робита ба банд мондани садҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии Русия, инчунин поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо нотаи эътирозӣ супорид.

"Дар нимаи аввали рӯзи 29-уми апрел ба сафири Русия дар Тоҷикистон С. Григорев ёддошти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон бо изҳори нигаронии ҷиддӣ дар бораи ҳодисаҳои оммавии зуҳуроти муносибати қатъиян манфӣ нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Русия, инчунин вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо супорида шуд",- хабар дод ВКХ-и Тоҷикистон.

Дар нотаи эътирозӣ омадааст, ки "ин гуна амалҳо танҳо нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон татбиқ мешаванд, ки ин ба рӯҳ ва анъанаҳои муносибатҳои Тоҷикистону Русия комилан мувофиқ нест".

Ёдовар мешавем, ки давоми ҳафтаи охир Сергей Григорев ду маротиба ба ВКХ-и Тоҷикистон даъват шуд. Пештар аз ин, 26-уми апрел, дар пайи банд мондани садҳо тоҷик дар сарҳади Қазоқистону Русия низ ӯ ба ВКХ даъват шуда, нигаронии ҷониби Тоҷикистон оид ба эҷоди мушкил дар вуруди шаҳрвандонаш ба Русия расонида шуд.

Дар пайи ин ВКХ-и Тоҷикистон ба шаҳрвандони кишвар тавсия дод, ки бе зарурат муваққатан аз рафтан ба Русия худдорӣ кунанд.

### Тоҷикистонро мефаҳмем…

30-юми апрел Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷии Русия ба Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон занг зад. Дар ин бора сомонаи ВКХ хабар медиҳад.

Ба иттилои Шоҳин Самадӣ, сухангӯи ВКХ-и Тоҷикистон, суҳбати телефонӣ бо дархости ҷониби Русия сурат гирифта, зимни он вазирони корҳои хориҷии ду кишвар вазъи душвори шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Русияро, ки дар пайи чораҳои шадиди мақомоти Русия пеш омадааст, баррасӣ кардаанд.

"С. Лавров иброз дошт, ки вокуниши ҷониби Тоҷикистонро ба ин масъала дарк мекунад",- гуфт Шоҳин Самадӣ.

Ба иттилои ин ниҳод, дар пайи изҳороти С. Лавров "бар зидди кадом миллату дине равона нашудани чораҳои андешидашуда" С. Муҳриддин таъкид кардааст, ки ин нукта бо вазъи воқеӣ созгор нест ва амалҳои номатлуб танҳо нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон татбиқ мешаванд.

Сироҷиддин Муҳриддин таъкид кардааст, ки чунин бархӯрди манфӣ бо шаҳрвандони Тоҷикистон ва нақзи густурдаи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ба принсипҳои равобити дуҷониба мувофиқат намекунад. Дар ин замина тавачҷуҳи Сергей Лавров ба зарурати риояи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии асосии дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобилаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва Шартнома дар бораи ҳамкории иттифоқӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз ҷониби Русия ҷалб карда шудааст.

Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо дар мавриди зарурати нигоҳ доштани пойбандии тарафҳо ба принсипҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ ибрози назар карданд.

### Чӣ бояд кард?

Феълан, гуфтушуниди мақомоти Тоҷикистону Русия дар масъалаи муҳоҷирон ба кадом сатҳ расидааст, маълум нест. Бинобар ин, аз шаҳрвандони кишвар хоҳиш мекунем, ки ба тавсияи Вазорати корҳои хориҷӣ пайравӣ карда, чанд рӯзи оянда аз сафар ба Русия худдорӣ кунанд, то ин мушкилот дар сатҳи дипломатӣ ҳалли худро ёбад.




# БЕ РАВОДИД

## Тоҷикистон дарвозаҳояшро ба рӯйи меҳмонони хориҷӣ боз мекунад

**Тоҷикистон барои шаҳрвандони 25 давлат низоми бераводиди яктарафа ҷорӣ намуд. Ин низом аз 1-уми май мавриди амал қарор мегирад. Дар ин бора ВКХ-и Тоҷикистон хабар дод.**

Ин иқдом дар асоси қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2024, №190 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2021, №464" гирифта шудааст.

Тибқи ин қарор шаҳрвандони Андорра, Баҳамас, Босния ва Гертсеговина, Бразилия, Булғористон, Коста Рика, Кипр, Ирландия, Малта, Ҷазираҳои Маршал, Мексика, Муғулистон, Черногория, Умон, Руминия, Сент-Китс ва Невис, Сент-Люсия, Сан-Марино, Сербия, Словакия, Словения, Сулаймон, Сент-Винсент ва Гренадини, Ватикан ва Давлати Фаластин (бо шиносномаҳои дипломатӣ ё хидматӣ) ҳуқуқи будубош ва баромадан аз қаламрави Тоҷикистон ба муҳлати 30 рӯзро доранд.

Инчунин, тибқи ҳамин қарор ба шаҳрвандони синну солашон аз 55 болои 16 давлат низоми бераводид ба муҳлати 14 рӯз ҷорӣ карда шудааст.

Шаҳрвандони Албания, Алҷазоир, Барбадос, Вануату, Чин, Доминика, Фиҷи, Лаос, Лубнон, Мадагаскар, Мароккаш, Мақдунияи Шимолӣ, Никарагуа, Панама, Тунис ва Ветнам ба ин рӯйхат дохил мешаванд.

Ҳамзамон, барои шаҳрвандони 14 кишвар - Ҷазираҳои Маршал, Саламон, Вануату, Судон, Мадагаскар, Давлати Фаластин, Гаити, Уганда, Сурия, Ироқ, Нигерия, Эфиопия, Руанда, Конго (нисбати раводиди дипломатии навъи "Д", раводиди хизматии навъи "Х" ва раводиди корӣ навъи "К") ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Тоҷикистон дода шуд.

Қайд мегардад, ки шаҳрвандони давлатҳои номбаршуда, ки ба муҳлати зиёда аз 14 ва ё 30 рӯз ба мақсади корӣ, таҳсил, истиқомати доимӣ ва ё дигар мақсади ғайри сайёҳӣ ба Тоҷикистон ворид мегарданд, уҳдадоранд қабл аз сафар ба Тоҷикистон раводиди ба мақсади будубош мувофиқро ба расмият дароранд.

Ёдовар мешавем, ки Тоҷикистон соли 2022 барои шаҳрвандони 52 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Аргентина, Белгия, Олмон, Белгия, Канада, ИМА, Фаронса ва ғайра низоми бидуни раводид ҷорӣ карда буд.



Deutsche Welle

**Парлумони Ироқ қонунеро тасвиб кард, ки барои ҳамҷинсгарой то 15 соли зиндонро пешбинӣ мекунад. Ҳадафи қонун "ҳифзи арзишҳои динӣ" гуфта мешавад.**

"Ҳифозати ҷомеаи Ироқ аз фасоди ахлоқӣ ва даъват ба ҳамҷинсгароӣ, ки ҷаҳонро фаро гирифтааст, мақсади асосии мо мебошад",- омадааст дар сомонаи парлумони Ироқ. Бар асоси ин қонун барои афроде, ки ҷинсияти худро иваз мекунанд ва ё қасдан либоси ҷинси дигарро мепӯшанд, аз 1 то 3 соли зиндон пешбинӣ шудааст.



The New York Times

**Суди байналмилалии ҷиноӣ дар Гаага эҳтимол ҳукми боздошти мансабдорони исроилиро бо иттиҳоми марбут ба низоъ дар навори Ғазза содир кунад.**

Ба иттилои ин манбаъ, Бенёмин Натанёҳу, нахуствазири Исроил аз ҷумлаи афроде аст, ки мумкин аст барои онҳо амри боздошт содир шавад. Додгоҳи Гаага мақомоти исроилиро дар монеъ шудан ба интиқоли кумаки башардӯстона ба навори Ғазза муттаҳам мекунад. Тибқи омори охир бар асари ҳамлаи Исроил ба Ғазза беш аз 34 ҳазор мардуми осоиштаи фаластинӣ кушта шудаанд.



BBC

**Додгоҳи Эрон ҳукми қатли Бобаки Занҷонӣ, миллиардери эрониро, ки дар Тоҷикистон ҳам сармоя дошт бекор кард.**

Ҳукми Занҷонӣ, ки бо иттиҳоми пулшӯӣ муттаҳам ва боздошт гардида буд, бо ризоияти Алии Хоманаӣ, раҳбари олии Эрон ба 20 соли зиндон тағйир ёфт. Асғар Ҷаҳонгир, сухангӯи додгоҳи Эрон гуфтааст, ки ҳукми Занҷонӣ пас аз ҳамкориаш барои "баргардонидани доройӣ ва пардохти қарзҳо" тағйир ёфтааст.

Содир Ҷабборов:

# МАСЪАЛАИ МАРЗ ҲАЛ МЕШАВАД!

SPUTNIK

**Содир Ҷабборов, Президенти Қирғизистон эълон кард, ки дар фаъолияти гурӯҳи кории масъалаҳои марзӣ бо Тоҷикистон пешрафтҳои мусбат ба даст омадааст. Дар ҳоли ҳозир Душанбе ва Бишкек дар мавриди беш аз 90 дарсади хати марзи миёни ду кишвар ба мувофиқа расидаанд.**



Ӯ ин нуктаро рӯзи 28-уми апрел дар муроҷиат ба шаҳрвандони кишвараш гуфт. "Бишкек алоқаманд аст, то ки масъалаи марзӣ бо Тоҷикистон танҳо аз тариқи музокирот ҳаллу фасл шавад",- менависад манбаъ.

"Феълан дар кори комиссияи давлатии дуҷониба дар ҳалли масъалаҳои марзии Қирғизистону Тоҷикистон як қатор таҳаввулоти мусбат ба сабт расидааст. Ба ин муносибат бори дигар таъкид мекунам, мо манфиатдорем, то ки масъалаҳои марзӣ танҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал карда шаванд", - омадааст дар муроҷиати Ҷабборов. Номбурда изҳори умедворӣ кардааст, ки мушкили марз дар ояндаи наздик ҳалли худро хоҳад ёфт.

Зикр кардан бамаврид аст, ки аз 21 то 27-уми апрел дар шаҳри Бодканд ҷаласаи навбатии гурӯҳҳои кории масъалаҳои ҳуқуқии ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар масъалаи марз миёни ду кишвар баргузор шуд.

Гуфта мешавад, ки дар умум то кунун Душанбе ва Бишкек тавонистанд дар мавриди беш аз 90 дарсади хати марзи давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба мувофиқа расанд. Тӯли хати марзи миёни ду кишвар ҳудуди 980 км аст.

# ФАСОД Ё ХИЁНАТ?

## Ҷузъиёти ҳабси муовини вазири дифои Русия

BBC

**Тимур Иванов, муовини вазири мудофиаи Русия рӯзи 24-уми апрел бо иттиҳоми ришваситонӣ ба ҳабс гирифта шуд.**



Иддаое қазияи ӯро ба "хиёнат ба ватан" пайванд медиҳанд. Ҳамроҳи ӯ чанд тани дигар дастгир шудаанд. Муовини вазири мудофиаи Русия айбномаро қабул надорад.

Хабарнигорон аз сухангӯйи Кремл Дмитрий Песков пурсиданд, ки оё воқеан ҳабси Иванов бо хиёнат ба ватан рабт дорад? Ӯ гуфт: "Бояд ба маълумоти расмӣ такя кард. Тафтиши ҳодиса идома дорад. Ҳар гуна тахмину ҳадс дуруст нест".

Моҳи декабри соли 2022 Бунёди мубориза бо фасоди Алексей Навалний гузориши хосеро ба зиндагии муовини Сергей Шойгу ихтисос дода буд, ки дар он дӯстии Дмитрий Пескову Тимур Иванов инъикос ёфтааст.

Тимур Иванов дар соли 2016 муовини вазири мудофиаи Русия таъйин шуда, аз муттафиқони вазир Шойгу ба шумор меравад. Ӯ масъули сохтмон, таъмири кулл ва бозсозии биноҳои Вазорати мудофиа мебошад.

# "ТОҶИК - ТЕРРОР" ДАР ОРЁЛ

Орелtimes
Сетевое издание «ОрёлТаймс»

Дар шаҳри Орёли Русия дар пайи ҳамлаи террористии моҳи март дар толори консертҳои "Крокус Сити Холл" дар чанд биное, ки дар онҳо эҳтимолан зодагони Тоҷикистон кор ё зиндагӣ мекунанд, нишонагузориҳои миллатгароёна бо навиштаи таҳдидомези "Тоҷик - террор" пайдо шудаанд.

Дар ин бора ба пойгоҳи хабарии маҳаллии "Орёл Таймс" сокини Орёл Ростислав Фомичёв хабар додааст. Ӯ чанд бинои нишонагузоришударо дар кӯчаҳои Силикатная ва Кукушкин акс ҳам гирифтааст. Дар аксҳо дида мешавад, ки афроди ношинос дар девори ин биноҳо таҳдидомез "Тоҷик - террор" навиштаанд.







# ГУМОНБАРИ 16-УМИ ҲАМЛА БА КРОКУС

**Суди ноҳияи Басманнийи шаҳри Москва гумонбари 12-уми ҳамла ба "Крокус"-ро то 22-юми май ба ҳабси пешакӣ фиристод.**

Аз гумонбар Ҷумъахон Қурбонов ном бурда шуда, гуфта мешавад, ки ӯ шаҳрванди Тоҷикистон аст.

Муҳокима паси дарҳои баста баргузор шудааст.

Ӯ ба "таъмини маблағ барои омода кардани амали террористӣ, аз ҷумла таъмини аъзои як гурӯҳи муташаккил бо васоити муҳобиротӣ ва пардохти мунтазами онҳо" гумонбар аст. Дар пайванд ба ҳодисаи "Крокус"-и Москва 12 нафар ба ҳабс гирифта шудаанд, ки 11 нафари онҳо зода ё шаҳрванди Тоҷикистон мебошанд.

*Интизорӣ*

# БУНЁДИ ЭСТАКАДА БО ҚАРЗИ БАТР

**Нимаи дуюми рӯзи 29-уми апрел президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат президенти Бонки аврупоии таҷдиду рушд (БАТР) хонум Одил Рено-Бассоро ба ҳузур пазируфт. Дар ин бора хадамоти матбуоти сарвари давлат хабар медиҳад.**




### Умедвории Эмомалӣ Раҳмон

Дар доираи сафари Одил Рено-Бассо имзои якчанд лоиҳаҳо дар назар дошта шуда буд, ки ба қарздиҳии "сабз" дар чаҳорчӯби Нақшаи амали “Шаҳри сабзи Душанбе” ва дастгирии соҳибкорӣ ва тиҷорати занон равона мешавад.

“Соли гузашта Бонки аврупоии таҷдиду рушд 30-солагии фаъолияти худро дар Тоҷикистон ҷашн гирифт. Ман хеле қаноатмандам, ки дар Тоҷикистон ҳузур дорам ва шоҳиди натиҷаҳои фаъолиятамон мебошам”, - гуфт Одил Рено-Бассо.

Президенти БАТР таъкид дошт, ки Бонк яке аз сармоягузорони бузурги Тоҷикистон ба шумор рафта, бахшҳои энергетика, таъминот бо об, нақлиёт, соҳаи бонкдорӣ ва соҳибкории хурду миёнаро дастгирӣ мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон дар навбати худ ба роҳбарияти бонк ҷиҳати робитаҳои доимӣ ва пурсамар дар давоми 30 сол изҳори миннатдорӣ кард.

### Бунёди эстакада

Як “эстакада”-и Душанбе бо беш аз 28 млн евро қарзи Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) сохта мешавад.

Созишномаро дар ин хусус Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон ва Одил Рено-Бассо, президенти БАТР, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда буд, рӯзи 30-юми апрел имзо карданд.

“Ҳадафи татбиқи созишномаи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди дусатҳа дар чорроҳаи С. Шерозӣ ва Ҳ. Шерозӣ пайваст ба кӯчаи А. Қаҳҳорови шаҳри Душанбе» - ин баланд бардоштани самаранокӣ ва беҳтар намудани ҳаракати воситаҳои нақлиёт тавассути минтақаҳои болозикр, паст намудани ҳолатҳои тамбашавӣ ва таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардҳо дар ҳудуди шаҳри Душанбе мебошад”,- хабар медиҳад Вазорати молия.

Мӯҳлати оғози сохтмони роҳи дуқабата гуфта нашудааст.

*Бозгашт ба мавзӯъ*





# БОҒИ НАВИ ҲАЙВОНОТ

## Чаро бунёди он кашол меёбад?

**Бо гузашти қариб чор сол масъалаи бунёди “Боғи ҳайвонот” дар шаҳри Душанбе ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Мо ин мавзӯъро пайгирӣ кардем.**

### Боғи ҳайвонот дар куҷо сохта мешавад?

Чанде пеш хабар расид, ки дар Душанбе сохтмони боғи нави ҳайвонот оғоз мешавад. Нақшаи он ҳанӯз соли 2020 эълон шуда буд.

Боғи нави ҳайвонот дар роҳи Варзоб, дар назди терминали Чорбоғ бунёд хоҳад шуд.

Вақте мо ба ин мавзеъ омадем, онҷо ҳеҷ нишонае аз оғози кори сохтмон дида намешавад. Вале сокинони атрофи ин мавзеъ тасдиқ карданд, ки дар буриши хиёбони Рӯдакӣ ва Ҳ. Шерозии ноҳияи Исмоили Сомонӣ қарор аст “Боғи ҳайвонот” сохта шавад.

Яке аз сокинони кӯчаи Ахрор Мухторов гуфт: “Чор моҳ пеш ба мо хабар доданд, ки раиси шаҳр барои дидани ин мавзеъ меояд. Худи ҳамон рӯз чанд соат тамоми роҳҳои атрофи мо баста шуд. Аз шаҳрдорӣ одамон омаданд ва фикр мекунам лоиҳаи “Боғи ҳайвонот”-ро кашиданду рафтанд. Дигар аз онҳо хабаре нашуд. Вале омадани онҳо беманфиат набуд. Зеро дар ду тарафи роҳ арча шинониданд”.

Мо барои дақиқ кардани ин хабар ба шаҳрдорӣ тамос гирифтем, вале посухи дақиқ нагирифтем.

### Боғи нави ҳайвонот чӣ гуна хоҳад буд?

Лоиҳаи боғи нав бо ҷалби мутахассисони варзидаи байналмилалӣ бо назардошти талаботи муосири нигоҳдории ҳайвонот таҳия шудааст.

Масоҳати умумии боғи ҳайвонот 13 гектар буда, дорои иқтидори 1500 намуди ҳайвонот, парандагон ва хазандагон мебошад.

Тибқи лоиҳаи пешакӣ дар майдони 0,40 гектар биноҳои маъмурӣ ва хоҷагӣ сохта мешаванд, 0,85 гектар барои нигоҳдорӣ ва намоиши ҳайвоноти Тоҷикистон, 0,46 гектар барои ҳайвоноти хонагии ноҳияҳои Тоҷикистон, 0,70 гектар барои ҳайвоноти австралиягӣ ҷудо карда шудааст, 0,84 гектар барои ҳайвоноти Америка, 0,61 гектар барои ҳайвоноти Осиё, 0,90 гектар барои ҳайвоноти Африка.

Дар «Боғи ҳайвонот» инчунин бунёди ду қаҳвахона, мағозаи фурӯши ҳайвонот, майдончаҳои варзишию фароғатӣ ва ду таваққуфгоҳ барои нигоҳдории 130 мошин дар назар дошта шудааст.

### Боғи кӯҳна дар чӣ ҳол аст?

Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвонот»-и шаҳри Душанбе соли 1960 бунёд гардида, то имрӯз ба таври мунтазам фаъолият мекунад. Ҳоло дар ин макон 135 навъи ҳайвонот нигаҳдорӣ мешаванд. Дар боғ 50 нафар мутахассисон фаъолият доранд.

Вазъи Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе назар ба солҳои пеш беҳтар шуда бошад ҳам, вале ба талаботи замон ҷавобгӯ нест.

Илова бар ин, он қариб ки дар маркази шаҳр қарор дорад. Яъне ҷояш ҳам муносиб нест. Бинобар ин, зарурати кӯчонидани он пеш омадааст.

Масъалаи ба макони дигар кӯчонидани Боғи ҳайвонот қариб 10 сол аст, ки ҳалли худро намеёбад.

Шояд шаҳрдорӣ ба ин масъала равшанӣ меандозад.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**



**Собиқ муовини аввали сарвазири Тоҷикистон ва раиси собиқи шаҳри Душанбе Юрий Поносов дар шаҳри Маскав дар синни 83-солагӣ бар асари бемории қалб даргузашт.**

Дар ин бора хабаргузории “Регнум” хабар дод.

Юрий Филимонович Поносов 24-уми марти соли 1941 дар вилояти Читаи Русия ба дунё омада, соли 1961, баъди хатми техникуми сохтмонӣ барои кор ба Тоҷикистон омад ва то соли 1998, қариб 27 сол дар ин ҷо кор кард. Поносов солҳои 1994-96 раиси шаҳри Душанбе буд.



**Вазорати маориф ва илми Русия дар Донишгоҳи славянӣ дар Душанбе санҷиш мегузаронад, ки аз риояи қонунгузории меҳнат то самаранокии молиявиро фаро мегирад.**

Ба иттилои Вазорати маорифи Русия, санҷиш марҳилаи аз 1-уми январи соли 2022 то 25-уми майи соли 2024-ро фаро мегирад.

Таъкид шудааст, ки санҷиши сартосарии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон дар доираи нақша амалӣ мешавад.



**Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоишгоҳи рассомони тоҷик Баҳром Исматов, Илёс Мамаҷонов ва Умед Аҳмадов таҳти унвони «Якҷоя» кушода шуд.**

Хусусияти фарккунандаи намоишгоҳ дар он аст, ки қаҳрамонони асарҳо чеҳра надоранд. Ин ба бинанда имкон медиҳад, ки бо ихтиёри худ тасвирро пурра кунад. Масалан, писарбача дар зери дарахти себ метавонад ғамгин бошад ё баръакс, шодмон бошад. Сокинони пойтахт имкон доранд, ки аз ин намоишгоҳ ғизои маънавӣ бардоранд.

# ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ

## Оид ба ҳамкорӣ дар татбиқи барномаи маблағгузории занони соҳибкор дар Тоҷикистон

**29-уми апрели соли 2024 Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо Президенти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) хонум Одил Рено-Бассо, мудири иҷроияи БАТР оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хонум Жужанна Харгитай ва ҳайати ҳамроҳикунандаи онҳо мулоқот намуд.**



Дар вохӯрӣ ҷонибҳо вобаста ба вазъи кунунии геосиёсӣ, таъсири он ба иқтисодиёти кишвар, муҳимияти ҷалби кумакҳои БАТР ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин афзоиши ҳамкориҳои судманд дар бахши низоми бонкӣ табодули андеша намуданд.

Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба мувофиқа расиданд, ки дар самти дастгирии соҳибкории занон ва мусоидат ба тиҷорати байналмилалии онҳо ҳамкориро тавсеа бахшанд.

Дар доираи мулоқоти зикргардида байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд Ёддошти тафоҳум "Оид ба ҳамкорӣ дар татбиқи барномаи маблағгузории занони соҳибкор дар Тоҷикистон" (Women Entrepreneurs Finance Code) ба имзо расид.

Тибқи ёддошти тафоҳум ҷонибҳо ҷиҳати ҷалб намудани шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва беҳтар намудани таҳлилу истифодаи маълумоти марбут ба фарогирии молиявии корхонаҳои таҳти роҳбарии занон кӯшиш хоҳанд намуд. Ин тасмим дар коҳиш додани касри маблағгузорӣ барои занони соҳибкор ва пешниҳоди ҳалли инноватсионӣ ҷиҳати сафарбар кардани сармояи зарурӣ барои рушди онҳо кумак хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки дар вохӯрии мазкур намояндагони ҶСП Бонки "Арванд" ва ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" низ ҳузур доштанд. Дар ҳошияи Ёддошти тафоҳум байни Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва ҶСП Бонки "Арванд" тибқи Барномаи "Women in business" созишномаи қарзӣ ба маблағи 5 миллион доллари ИМА ба имзо расида, дар доираи Барномаи мусоидат ба рушди савдои БАТР (TFP) бо ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" созишномаи бонкӣ ба маблағи 1 миллион доллари ИМА баста шуд.

## БО БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН СОЗИШНОМА БА ИМЗО РАСИД

**Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкориро бо бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо назардошти ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар ба роҳ монда, барои тақвияти ҳамгирой дар соҳаи молия ва бонкӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо дар соҳаи рушди низоми бонкӣ, бозомӯзии мутахассисон ва табодули таҷриба чораҳои зарурӣ меандешад.**

Аз ҷумла, зимни иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои баҳории кишварҳои аъзои ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ ва молиявӣ ва густариши ҳамкориҳои минбаъда дар самти мубодилаи маълумот ва таҷриба мулоқот доштанд. Дар мулоқот ҷонибҳо инчунин "Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ"-ро ба имзо расониданд.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки созишномаи мазкур барои густариши ҳамкории мутақобила тавассути ҳамоҳангсозии назари тарафҳо оид ба масъалаҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, расмиёти иҷозатномадиҳӣ, бозрасӣ, идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ, назорат дар маҳал ва назорати фосилавӣ, назорати раванди қабул ва коркарди ҳисоботи молиявӣ, ошкор кардан ва мониторинги хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, татбиқ ва корбурди стандартҳои Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ, гузаронидани стресс-санҷишҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва мубодилаи иттилоот шароити мусоид фароҳам меорад.

# ДОДАМРО БА КӢ ГӮЯМ?

**30 сол аст, ки барои баргардонидани хонаи хеш талош мекунам, вале бо гузашти айём ин мақсад аз ман дуру дуртар мешавад...**



Дар асоси ордери №001751 аз 23-юми декабри соли 1982 ба ман манзили истиқоматии духуҷрагӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, биноӣ 17, хонаи №15 дода шуд.

20-уми феврали соли 1993 бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаи Рашт ҳамчун афсар барои барқароркунии сохти конститутсионӣ сафарбар шудам.

Дар ин давра директори вақти ТадАз А. Эрматов ва дигарон бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳои манзили истиқоматии ба ман тааллуқдоштаро, ки ба корхонаи ТадАз ҳеҷ иртибот надорад, ба шахси дигар бо номи Северина Тамара, ки дар он лаҳза дар қаламрави ҷумҳурӣ умуман ҳузур надошт, бо тамоми чизу ҷораи рӯзгорам 10236 рублу 13 тин (ба нархи ҳамон замон наздик ба даҳ ҳазор доллари ИМА) арзёбӣ карда, фурӯхтаанд. Яъне маро ғорат намуданд.

Ман борҳо ва батакрор ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода, Суди шаҳри Турсунзода ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин хусус муроҷиат намудам.

Дар ҳама маврид танҳо як ваҷҳ оварда мешавад, ки гӯё ман мӯҳлати даъворо аз даст додаам ва баргардонидани манзил имконпазир нест. Ин ваҷҳ қобили қабул нест, зеро он замон ман дар амалиёти ҷангӣ сафарбар будам, хонаводаам гуреза ва сабаби дигар он ки силоҳбадастон дар шаҳри Турсунзода зӯргӯӣ мекарданд ва ҳар гуна садо баланд кардан бо хатари аз даст додани ҷон баробар буд.

Мутаассифона, ҳам прокурор ва ҳам суд ин ваҷҳҳоро нодида гирифтанд ва ман бехона мондам.

Ҳол он ки мувофиқи бандҳои 12-14-и моддаи 24-и Қонуни ЧТ «Дар бораи собиқадорон» собиқадорон ҳангоми дохил шудан ба кооперативҳои манзилӣ, сохтмони манзил, гараж, кооперативҳои бӯстонсаройсозӣ, ширкатҳои боғпарварию обчакорӣ, ҳангоми гирифтани китъаҳои замин (дар ҳудуди меъёре, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст) барои сохтмони хонаҳои хусусӣ, хоҷагиҳои боғдорию обчакорӣ, дар гирифтани қарз аз муассисаҳои бонкии давлатӣ барои харидани (сохтани) хона, манзили истиқоматии шахсӣ, ройгон шахсӣ кунонидани манзили истиқоматӣ дар хонаҳои фонди давлатӣ, муниципалӣ ва идораҳо афзалият доранд.

Имрӯз мани нафақахӯр ва собиқадор, ҷанговари интернатсионалист, иштирокчии ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадори Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Созмони байналмилалии «Вымпел» тамоман ноумед шудам ва чӣ кор кардану ба кучо муроҷиат карданамро намедонам. Умедворам, ки мақомоти дахлдор, МИҲД-и ш. Турсунзода, Прокуратураи генералии ЧТ, Суди Олии ЧТ ба доди ман мерасанд.

**Насриддинов Ҷумъа АҲЛИДДИНОВИЧ,**
**сокини шаҳри Турсунзода,**
**деҳаи Шодиёна**

# МАРОСИМИ ДАФНРО ТАНЗИМ МЕБОЯД

**Аз бозёфтҳои археологӣ ва бостонӣ маълум мешавад, ки аҷдодони мо - тоҷикон дар маросими дафн расму оини хоси худро доштаанд.**



Барои исботи ин гуфта аз "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров иқтибос меорем: "Дар замони Кӯшониён ҳар халқ ба худ маросими дафн доштааст ва қабрҳои даврони Кӯшониён ҷолиби диққат мебошанд. Ин гӯрҳо асосан хокӣ буда, бо хишти хом рӯкаш шудаанд. Дар лаҳади ин гӯрҳо дар зарфҳо хӯроки охират ҳаст ва зарфҳо хеле хушсифат буда, аз кулол сохта шудаанд. Баъзан, дар даҳон ё синаи мурда танга мемондаанд. Дар гӯри занҳо асбоби зиннатии тиллой - гӯшвораҳо, ангуштарин, либос, шадда, оина, дастпона ва дигар маснуоти биринҷӣ ёфт шудаанд. Дар хоки Душанбе мурдаҳое ёфт шудаанд, ки дар тобути сангин ва хумҳои калон дафн шудаанд" (саҳ. 202-205).

Акнун ба замони худамон баргардем. Имрӯзҳо маросими дафн дар Тоҷикистон як шеваи хос надорад. Бинобар ин, банда пешниҳод мекунам, ки як ниҳоди давлатӣ ё хусусӣ ташкил ёбад, ки кори он танзими маросими дафн бошад. Шахсе, ки дар хонааш нафаре мефавтад, ба ин ниҳод муроҷиат кунад. Кофтани қабр, ҳамлу нақли майит ва гӯрҷӯбро шахсони масъул анҷом диҳанд. Чунин ташкилот дар кишварҳои пешрафта ҳастанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки маросими дафни ветеранҳои ҷанг, собиқадорони меҳнат, ашхоси бекасу бечора, нодор ва яккаву танҳо ҳамчун амали хайр ройгон сурат бигирад.

Имрӯзҳо агар аз қабристон гузар кунед, ҳар кас ба таври худ қабр меканад ва санг мегузорад. Мақбараи яке боҳашамат асту аз дигаре хоксоронa. Бояд барои оромгоҳҳо низ як тарзи муайян пешниҳод шавад, то ки нафарони доро худнамоӣ накунанду камбағалон афсӯс нахӯранд.

**Э. КАМОЛЗОДА,**
**ветерани ҷангу меҳнат**

# 50 МИЛЛИОН СОМОНӢ

## мулоқоти раиси Амонатбонк бо Дай Чанг Сонг



**4-уми апрели соли равон мулоқоти раиси Раёсати КВД БА ЧТ “Амонатбонк” Аличон Салимзода бо роҳбари ҳайати кории Бонки Рушди Осиё Дай Чанг Сонг баргузор гардид.**

Ҷонибҳо дар бинои асосии Амонатбонк доир ба масъалаи Созишномаи зеркарзие, ки 13-уми декабри соли 2022 тахти №TAJ 56147 байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД БА ЧТ «Амонатбонк» оид ба ҷудо намудани маблағи қарз аз ҳисоби Созишномаи грантии Бонки Рушди Осиё дар доираи “Барномаи баланд бардоштани устувории тавассути харочоти фаъоли зиддисиклӣ” ба маблағи 50 000 000 (панҷоҳ миллион) сомонӣ ба имзо расонида буд, сухбат намуданд.

Аличон Салимзода аз раванди азхудкунии маблағҳои созишномаи мазкур ва таваҷҷуҳи бештар доштани мизоҷон ба чунин намуди қарз маълумот манзур намуда, қайд кард, ки Амонатбонк ҳамчун институти молиявии кишвар дар самти пиёда намудани сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Махсусан, раванди пешниҳоди қарз ба занони соҳибкор дар манотиқи дурдасти кишвар таваҷҷуҳи намояндагони Бонки Рушди Осиёро бештар ба худ ҷалб намуд. Дар идомаи мулокот роҳбари ҳайати кории Бонки Рушди Осиё Дай Чанг Сонг қайд кард, ки дар оянда низ омода аст дар дигар самтҳои мухталиф бо Амонатбонк ҳамкориҳоро бештар намояд.

Вохӯрии тарафҳо дар фазои дӯстӣ баргузор гашта, дар интиҳои он раиси Раёсати Амонатбонк ва роҳбари ҳайати кории Бонки Рушди Осиё оид ба рушд додани ҳамкориҳои дуҷониба ба сохторҳои дахлдори бонкҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

# ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” ДАР ДАНҒАРА

**25-уми апрели соли ҷорӣ бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон дар Қасри фарҳанги ноҳияи Данғара фестивали “Саводнокии молиявӣ” баргузор гардид.**



Фестивали мазкур бо мақсади иттилоотонии аҳолӣ аз хизматрасонҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии истифодабарандагони чунин хизматрасониҳо буда, дар он ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва ассотсиатсияҳои онҳо ширкат варзиданд.

Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”” низ дар фестивали мазкур фаъолона ширкат варзида, маҳсулоти бонкӣ ва хизматрасониҳои худро ба ҳозирин пешниҳод намуд.

Ба иштирокдорон оид ба воситаҳои пардохти ғайринақдӣ, алалхусус барномаи мобилии Амонат-мобайл, инчунин кортҳои пардохтӣ, «Интернет-бонкинг», пешниҳоди қарз, намуди пасандозҳои бонкӣ ва ғайра маълумот пешниҳод карда шуд.



# АМОНАТБОНК ФОИЗИ ҚАРЗРО ПАСТ КАРД




**Амонатбонк бо мақсади дастгирии кишоварзони мамлакат, рушди соҳаҳои саноат, сохтмон, тиҷорат ва хизматрасонӣ шуруъ аз 1-уми майи соли ҷорӣ меъёри фоизи қарзҳоро аз 2 то 4 банди фоизӣ кам намуд.**

АЗ ҶУМЛА:

*1. Қарз ба соҳаи кишоварзӣ аз 19 то 21% солона ба муҳлати то 5 сол.*

*2. Қарз ба соҳаи саноат тахти 18% солона ба муҳлати 5 сол.*

*3. Қарз ба соҳаи сохтмон тахти 20 % солона ба муҳлати 4 сол.*

*4. Қарз ба соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ бо 22% солона.*

*5. Инчунин меъёри фоизи қарзҳои ипотекӣ паст карда шуда, барои харид ва сохтмони манзил 18% солонаро ташкил медиҳад.*

*6. Қарзҳои овердрафтӣ бошад, бо меъёри 20% солона пешниҳод карда мешавад.*

*7. Маҳсулоти нави қарзӣ барои хизматчиёни давлатӣ бо 18% солона.*

Ҷиҳати дастрас намудани дилхоҳ қарз метавонед ба филиалҳои Амонатбонк муроҷиат намоед.

**Маълумоти бештар тавассути рақами 1885.**




# АМОНАТБОНК БА МАРДУМ САВОДИ МОЛИЯВӢ МЕОМӮЗОНАД

**Амонатбонк ҳамсола моҳи апрел дар доираи Ҳафтаи саводи молиявӣ дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон чорабиниҳои гуногунро вобаста ба боло бурдани маърифати молиявии мардум баргузор менамояд.**

Аз ҷумла, 16-уми апрели соли равон дар доираи ҳафтаи байналмилалии молиявӣ (Global Money Week) дар МТМУ №35-и ноҳияи Файзобод ҳамоиши омӯзишӣ баргузор гардид. Дар он муҳассилини мактаб ва занону бонувони фаъоли ноҳияи Файзобод иштирок намуданд.



Дар ҳамоиши мазкур мутахассисони КВД БА ЧТ “Амонатбонк” дар мавзӯи “Замима - барномаи мобилии “Амонат-мобайл”” ва “Кортҳои пардохтии бонкӣ ва дигар воситаҳои пардохтҳои ғайринақдӣ” баромад намуда, ба иштирокдорон оид ба низоми пардохти ғайринақдӣ, барномаи мобилии Амонат-мобайл, ҳамёнҳои электронӣ, кортҳои пардохтӣ, «Интернет-бонкинг», пешниҳоди қарз, намуди пасандозҳои бонкӣ ва ғайра маълумот пешниҳод намуданд.

Дар идома иштирокдорони чорабинӣ аз бинои замонавии филиали №16-и Амонатбонк дар ноҳияи Файзобод боздид намуда, аз ҷониби мутахассисони бонк ба онҳо оид ба амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар филиали мазкур ба мизоҷон пешниҳод мешавад, маълумот дода шуд.

Дар доираи ҳафтаи байналмилалии молиявӣ (Global Money Week) аз ҷониби мутахассисони “Амонатбонк” дар маркази савдои ноҳияи Муъминобод низ корҳои тарғиботӣ доир шуд.

Бо иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва занону бонувони фаъоли ноҳия бошад, ҳамоиши омӯзишӣ баргузор гардида, мутахассисони КВД БА ЧТ “Амонатбонк” бо рӯнамо дар мавзӯи “Замима - барномаи мобилии “Амонат-мобайл”” ва “Кортҳои пардохтии бонкӣ ва дигар воситаҳои пардохтҳои ғайринақдӣ” маълумоти мукаммал пешниҳод намуданд.



# ҲАМКОРИҲО БА ХОТИРИ ФАРДО




**Санаи 23-юми апрели соли равон Қозидавлат Қоимдодов, Намояндаи доимии Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар Тоҷикистон (АКДН) бо Ғолиб Ғулом, Роҳбари нави глобалии гурӯҳи ширкатҳои IPS (Хадамоти пешбурди саноатӣ) дар Агентии Оғохон оид ба рушди иқтисоди (АКФЕД) дар дафтари АКДН мулоқот анҷом дод.**

IPS имрӯз портфели мустахками сармоягузории гуногунрангии минтақаҳоро дорад ва дар муҳити зист ва фазои иқлимӣ талабот ба танзимхои АКФЕД-ро ичро мекунад. Дар Тоҷикистон, дар чаҳорчӯби АКФЕД, ширкатхои монанди Индиго (Tcell), Аввалин Бонки Молиявии Хурд, "Помир Энерҷӣ", меҳмонхонаи «Серена Душанбе» ва барномаи "Акселерейт Просперити" фаъолият мебаранд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо дар бораи имкониятҳои ҳамкориҳои дутарафа дар соҳаҳои иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи агросаноат, коммуникатсия ва корхонаҳои хурду миёна суҳбат анҷом доданд ва омодагии худро барои густариши ин ҳамкориҳо эълон карданд. Зикр шуд, ки бо ташаббуси АКДН Тоҷикистон ва дастгирии АКФЕД як барномаи нави IPS дар Душанбе ифтитоҳ ёфтааст. Ин дафтар ҳоло соҳаи иқтисодиро таҳлил мекунад ва умедворем, ки таклифҳои навро дар соҳаҳои тараққии хоҷагии халқ пешниҳод хоҳад кард.

Дар анҷоми вохӯрӣ тарафҳо омодагии худро барои ҳамкориҳои дутарафа эълон намуданд.

# ДАСТГИРИИ ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Тоҷикистонро ба кишвари сабз табдил медиҳем» рӯз ба рӯз доман паҳн мекунад ва аз ҷониби тамоми қишри ҷомеа мавриди дастгирӣ қарор мегирад.**



Кормандони Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (АКДН) ва хадамоти он дар ҳамкорӣ бо МИХД-и ноҳияи Хуросон ва Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири дастгирии ин иқдоми бузурги Пешвои миллат маросими шинониданиниҳолҳоро дар канори роҳи Душанбе - Бохтар, наздикии деҳаи Фахробод роҳандозӣ карданд.

Ин иқдом давоми мантиқии татбиқи самараноки барномаи Тоҷикистон оид ба нақшаҳои хоҷагии ҷангал барои солҳои 2022-2026 мебошад, ки ба беҳтар намудани устувории иқлим тавассути корҳои ободонии хоҷагии ҷангал ва ниҳолшинонӣ равона шудааст. Ниҳолшинонӣ дар аввали баҳор, рӯзҳои таҷлили Наврӯз рамзи ободонӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор мебошад.

Дар натиҷа дар канори роҳи автомобилгарди Душанбе - Бохтар зиёда аз 3000 ниҳоли арча шинонида шуд, ки муҳитро сабз, ҳаворо пок ва барои солимию дар фазои пок зиндагӣ кардани аҳолии маҳаллӣ ва наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Ин чорабинӣ як қисми стратегияи беҳтар кардани вазъи экологии минтақа мебошад. Дар маҷмуъ, Фонди Тоҷикистонии Оғохон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди маҳал ва корхонаҳои саноатии Тоҷикистон ва Агентии хоҷагии ҷангал нақша доранд, ки то охири соли 2024 беш аз 300 000 дарахт шинонанд ва ҳар сол ин шумора дар шаҳру ноҳияҳои дигар дучанд зиёд гардад. Мо ҳамаро ташвиқ мекунем, ки дар ин иқдоми муҳим иштирок кунанд ва кӯшишҳои худро барои эҷоди муҳити сабз идома диҳанд.

Дар ин раванд, иқдомҳои хадамоти АКДН дар ҳамкорӣ бо Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шарикон барои ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ равона гардида, аҳамияти ҳифзи захираҳои ҷангалро барои некӯаҳволии сайёраи мо таъкид менамоянд.



# ҶАВОНИ ТОҶИК

## дар Амрико рисолаи докторӣ дифоъ кард

**Фирдавс Раҳмонов, олими ҷавони 31-солаи тоҷик рӯзи 18-уми апрели соли 2024 дар Донишгоҳи Рочестери иёлоти Ню-Йорки Амрико рисолаи доктор-иашро дар илми математика (риёзӣ) дифоъ кардааст.**

Раҳмонов Фирдавс Заруллоевич санаи 19-уми августи соли 1992 дар ноҳияи Деваштич (собиқ Ғончӣ)-и вилояти Суғд дар оилаи математик таваллуд шудааст. Ӯ соли 2009 дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанни математика сазовори ҷойи якум ва медали тилло гаштааст. Баъди хатми мактаби миёна ба яке аз донишгоҳҳои беҳтарини дунё - Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов, ба факултети механикаю математика дохил шуда, онро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2018 Раҳмонов Фирдавс Заруллоевич дар Донишгоҳи Рочестери штати Ню-Йорк таҳти робарии профессорон Алекс Иосевич ва Кааве Хоссейни ба таҳқиқи рисолаи докторӣ шуруъ намуд.

Раҳмонов Фирдавс вақти дар докторантура таҳсил намудан борҳо дар конференсияҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар давлатҳои ИМА, Британияи Кабир, Австрия, Хитой, Канада, Венгрия, Кореяи Ҷанубӣ ва Юнон бо маърӯзаҳои илмии худ баромад намудааст.

Роҳбарони илмияш:

- Алекс Иосевич, профессори факултети математикаи Донишгоҳи Рочестер, узви Ҷамъияти илмии математикони Амрико, яке аз беҳтарин математикон дар соҳаи қаторҳои гармоникӣ ва комбинаторикаи геометрӣ мебошад.
- Кааве Хоссейни, профессори факултети илмҳои компютерии Донишгоҳи Рочестер, яке аз беҳтарин мутахассисон дар соҳаи масъалаҳои аддитивии комбинаторикӣ мебошад.

18-уми апрели соли 2024 Раҳмонов Фирдавс рисолаи доктории худро дар мавзӯи "Similar point configurations in vector spaces over finite fields and quotients of distance sets" ("Пайкарбандиҳои нуқтаҳои мушобеҳ дар фазоҳои векторӣ бар майдонҳои маҳдуд ва коэффитсиентҳои маҷмӯи масофаҳо") бо муваффақият дифоъ намуд.

Бояд қайд намуд, ки Раҳмонов Фирдавс фарзанди математики машҳури тоҷик, доктори илми физикаву математика, академики АМИТ Раҳмонов Зарулло Ҳусеновим мебошад.

**Ф. БОБОЕВА**



# АБДУЛҚАЮМИ ҚУРБӢ

## Дар саргаҳи матбуот ва худшиносии миллӣ



**ДАР ОСМОНИ МАЪРИФАТПАРВАРИ ТОҶИКИ ИБТИДОИ АСРИ XX-УМ АБДУЛҚАЮМИ ҚУРБӢ ЯКЕ АЗ СИМОҲОИ ДУРАХШОН АСТ. НОМИ Ӯ ДАР САРГАҲИ МАТБУОТИ МИЛЛӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ ҚАРОР ДОРАД.**

Абдулқаюми Қурбӣ соли 1886 дар гузари Боғимайдон (дар баъзе маъхазҳо Заргарон)-и шаҳри Самарқанд дар оилаи Ҳамроқул ном заргари босавод таваллуд шуд. Падари бузургвораш мехост писараш дар оянда чун шахси босавод ба камол расад. Ин аст, ки Абдуқаюм баробари таҳсил дар мактаби кӯҳна дар назди муаллими хусусӣ - шоири тавонои ҳамон давр Саидаҳмади Васлӣ савод меомӯзад. Устодаш зеҳни тез ва ҳофизаи хуби Абдуқаюмро пай бурда, ба тарбияи ӯ аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ дар муддати кӯтоҳ сарфу наҳв ва ҳисобу китобро аз худ карда, хонданро дар яке аз мадрасаҳои Регистон, ки мударриси босавод Эшони Тӯра сарварӣ мекард, давом дод. Баробари ин шабонгоҳ дар паҳлуи падар нишаста, аз сирру асрори касби заргарӣ хабардор мешуд.

Падараш, ки аҳли савод буд, дар байни шоиру маорифпарварони ҳамон давр дӯстони зиёд дошт, баъзан дар меҳмонхонаи ҳавлиаш нишастҳои маърифатӣ ташкил мекард. Дар ин гуна нишастҳо зиёиёни замон Саидаҳмад Васлӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Ҳодӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Саидризо Ализода ва чанде дигарон ҷамъ шуда, баробари шеърхонӣ, нисбати вазъи ҷамъияти онрӯза, навигариҳои иҷтимоӣ суҳбатҳо меоростанд, дар бораи ташкили мактабҳои навусул, саводноккунии бачагон фикру андешаҳои худро баён мекарданд. Абдуқаюми ҷавон аз ин гуна суҳбатҳои фозилон баҳравар мешуд. Ӯ акнун шеърҳои навмашқона менавишту аз устодаш маслиҳатҳо мегирифт. Дар ин миён падараш Мулло Ҳамроқул ба касалии бедавое гирифтор шуда, аз дунё гузашт. Акнун бори зиндагӣ ба дӯши Абдуқаюм афтод. Аз ин рӯ тарки мадраса карда, дӯкони падарро аз нав ба кор монд ва бо заргарӣ машғул шуд.

Бояд гуфт, ки дар ибтидои асри XX дар Самарқанд бо ташаббуси равшанфикрон омӯзишгоҳ ва семинарияҳои шабона ташкил шуда буданд. Абдуқаюм низ барои такмил додани маълумоти худ баъди кори дӯкон шабона ба хондан шурӯъ кард. Ҷаҳонбинии ӯ хеле васеъ шуда буд. Баробари забони модариаш, русӣ, туркӣ, озарӣ ва арабиро мукаммал омӯхта, ҳамчун аҳли фарҳанг барои пешрафти мактабу маориф ва дигар соҳаҳои ҷамъият намуна мешуд. Ӯ барои аз нав барқарор кардани суҳбати дӯстони падар дар болои дарвозахонаи ҳавлии падарӣ болохонаи базебе сохта, онро бо нақшҳои гуногун оро дод. Дар бунёди болохона дӯстонаш Абдуқодири муҳандиси Хумдончӣ, Усто Камол, Мирзо Ҳасани Наҷҷор ва ғайра ёрдам доданд. Акнун дар ин ҷо барои дигарон Нақибхони Туғрал, Ҷавдат, Ҳоҷӣ Муин, Тӯрақул Зеҳнӣ ва чанде дигарон низ ҷамъ омада, базми шеъру шоирӣ меоростанд. Абдуқаюм, ки аз касби заргарӣ фоидаи хуб ба даст медаровард, тамоми хароҷоти ин гуна нишастҳоро ба дӯши худ мегирифт. (Ҳоло ин болохона дар ҳавлии қадимаи Қурбӣ барҷост,- Ҳ. Ҷ.).

### "Шуълаи инқилоб"

Абдуқаюм Қурбӣ инқилоби соли 1917-ро бо хурсандӣ қабул кард. Аввалин шуда ба Ҳизби коммунист аъзо шуд. Чандин вақт ҳамчун сардори ташкилоти ҷавонони вилояти Самарқанд фаъолият нишон дод. Ташкили мактабҳо, тарбияи муаллимони босавод, сохтани китобхонаю қироатхонаҳо барин корҳои маънавӣ ва маърифатиро ба зимма дошт. Баробари ин, аз паси эҷод мешуд. Пасу пеш намунаҳои эҷодиёташ дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд. Бо ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» дар алоқаи наздик шуда, ҳамкориро бо кормандони он Саидризо Ализода, Фахриддини Роҷӣ, Ғуломалӣ Козимзода ва ғайра мустаҳкам кард. Аз ҷониби дигар, дар бораи мардуми Бухорои Шарқӣ низ фикр мекард. Зеро дар он музофот душманони синфӣ ба пешравии ҷамъияти нав монеъ мешуданд. Абдуқаюми нотарсу далер зуд-зуд ба он музофот рафта, барои ташкили мактабҳои маҳви бесаводӣ ҳаракат мекард. Мактабҳои навусул ангуштшумор буданд, аз ин рӯ, мебоист аз Самарқанду Бухоро одамони босаводро ба он ҷойҳо сафарбар мекард.

### Нашри девони Туғрал

Тавре гуфтем, Туғрал бо Қурбӣ дар алоқаи наздик буд. Шоир барои чопи девонаш азияти моддӣ мекашид. Қурбӣ ва шоирони дигар - Васлӣ, Тамҳид, Роҷӣ, Хилъат, Ҷавдат аз ҳисоби худ девони Туғралро дар матбааи Косон аз чоп бароварданд. Дар охири китоб муаллиф ба дӯстонаш барои чопи он бо порчаҳои шеърӣ миннатдории худро изҳор дошт:

*Буд яке фозили*
*«Қурбӣ» лақаб,*
*Қурбати ӯ чопи моро*
*шуд сабаб.*
*Он қадараш саъй дар ин*
*кор буд,*
*Гарди ғам аз синаи ман*
*ӯ сутуд.*
*Ҳар нафасу ҳар даму ҳар*
*лаҳза ӯ,*
*Дошт дар ин амр*
*басе ҷустуҷӯ.*
*Бандаи Қайюму ғуломи*
*Ҳай аст,*
*Шаккаре чун лаъли лаби*
*ӯ кай аст?*

**ОХИР, МАРДУМИ САМАРҚАНД ВА АТРОФИ ОН ҲАМА ТОҶИКАНДУ БА ЗАБОНИ МОДАРИИ ХУД НАШРИЯ НАДОШТА БОШАНД, ЧӢ ХЕЛ МЕШАВАД?! МАРДУМИ ХУҶАНДУ ПАНҶАКЕНТ, КӮЛОБУ ПОМИР ҲАМ НАШРИЯҲОИ НАВРО ИНТИЗОРӢ МЕКАШАНД. ОЁ ҲАМИН ТАВР НЕСТ?**

### Бозгашт ба Самарқанд

Акнун Қурбӣ баробари бо корҳои ҳизбию давлатӣ банд будан, инчунин бо мақолаҳои таъсирнок дар матбуоти даврӣ фаъолона иштирок мекард. Ӯ дар ин гуна навиштаҳояш мардумро ба ҳаёти озодона ва саводомӯзӣ ҳидоят менамуд. Дар шабнишинҳо, ки дӯстонаш Тамҳид, Хилъати Ҷавдат, Ҷомеъ, Аҳмади Равнақ, Вадуд Маҳмудӣ ва дигарон иштирок мекарданд, Қурбӣ ҳамчун ходими фаъоли ҳизбу давлат барои бартараф кардани ҳаракатҳои душманон ва хоинони ҷамъият маърӯзаҳои оташин мекард.

Абдуқаюми Қурбӣ мехост барои пешрафти маънавияту маданияти тоҷикон нашрияе ташкил карда шавад. Зеро барои мардуми Самарқанд ин нашрия зарур буд. Ӯ ин масъаларо бо факту далелҳои раднопазир исбот кард. Дар ҳамин асос дар кумитаи ҳизб қарор қабул шуд ва ҳафтаномаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабию бадеии «Шуълаи инқилоб» дар ҳаҷми 8 саҳифа таъсис ёфт. Адиби маърифатпарвари тоҷик Саидризо Ализода муҳаррир, Фахриддин Роҷӣ ва Ғуломалӣ Козимзода чун ходимони адабии ҳафтанома ба кор шурӯъ карданд.

Ҳаминро бояд гуфт, ки душманони миллат, алалхусус, пантуркистон барои нест кардани ин нашрияи тоҷикӣ ҳарҷониба ҳаракат мекарданд. Ин аст, ки ҳамагӣ 92 шумораи «Шуълаи инқилоб» рӯйи чопро диду сипас баста шуд. Қурбӣ он замон дар Самарқанд набуд. Ӯро бо қарори Кумитаи марказӣ ба Тошканд ба кори ҳизб ба кор даъват карда буданд. Баста шудани ҳафтанома ба Абдуқаюми Қурбӣ сахт таъсир кард. Ӯ дар Тошканд кор кардан намехост. Зеро аксар дӯстонаш дар Самарқанд буданд. Чанд маротиба ба масъулони Ҳизби коммунисти Туркистон ин мақсадашро гуфт. Онҳо такрор ба такрор мегуфтанд, ки ӯ дар Марказком бисёр зарур аст, чунки таҷрибаи калони ҳизбӣ дорад.

Абдуқаюм маҷбур шуд, ки дар Марказком 3-4 сол кор карда, ниҳоят ба Самарқанд баргардад.

### Таъсиси “Овози тоҷик”

Ӯро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Қурбӣ ба вазифаи ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд ба кор таъин гардид. Инак, дар ҳамон болохонаи Қурбӣ маҳфили дӯстон боз фаъолияти худро сар кард. Масъала хеле муҳим. Бояд ба ҷойи «Шуълаи инқилоб» нашрияи наве таъсис диҳанд.

- Мо ба Марказком барои таъсиси нашрияи тоҷикӣ мактуб менависем,- ба Қурбӣ маънидорона нигоҳ карда, гуфт шоир Ҷавдат.- Шумо моро дастгирӣ кунед. Чунки дар Марказком дӯстони зиёд доред.

Қурбӣ дар ин бора фикрҳои Ализода, Фахриддини Роҷиро шуниду «мақсади ба Самарқанд баргаштани ман аз ҳамин иборат аст» гуфт. «Охир, мардуми Самарқанд ва атрофи он ҳама тоҷиканду ба забони модарии худ нашрия надошта бошанд, чӣ хел мешавад?! Мардуми Хуҷанду Панҷакент, Кӯлобу Помир ҳам нашрияҳои навро интизорӣ мекашанд. Оё ҳамин тавр нест?»,- бо савол муроҷиат кард Абдуқаюм ба атрофиёнаш.

Даву тозҳои равшанфикрон бо сарварии Қурбии ҷасур бенатиҷа намонд. 24-уми августи соли 1924 шумораи нахустини рӯзнома бо унвони «Овози тоҷики камбағал» аз чоп баромада, ба дасти ҳаводоронаш расид. Дар саҳифаи аввал мақолаи устод Садриддин Айнӣ бо унвони «Қавми тоҷик ва рӯзнома» эълон шуд, ки бо чунин гуфтаҳо оғоз ёфта буд: «Рӯзномаи ҳар як қавм ва миллат забони эшон аст.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

ФУТЗАЛ

# 100 ҲАЗОР ДОЛЛАР МУКОФОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё-2024 барои ҷойи сеюм бо дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бозӣ кард ва дар задани пеналтӣ ноком шуд.**



Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон, ки дар Ҷоми Осиё-2024 дар Банкоки Тайланд таърихсозӣ кард ва ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми ҷаҳон-2024 роҳхат гирифт, дар вохӯрии нимниҳоии ин мусобиқа аз дастаи Тайланд дар задани зарбаҳои пеналтӣ ноком шуд. Қисми асосӣ ва иловагии бозӣ бо натиҷаи 3:3 анҷом ёфт ва футзалбозони Тайланд тавонистанд дар задани зарбаҳои пеналтӣ муваффақ шаванд ва ба финал бароянд. Шогирдони Пайрав Воҳидов бо дастаи Ӯзбекистон, ки аз Эрон дар нимниҳоӣ шикаст хӯрданд, барои ҷойи сеюм мубориза бурданд. Қисми асосии ин бозӣ бо ҳисоби 5:5 ба охир расид ва дар задани зарбаҳои пеналтӣ ӯзбекҳо бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуданд.

Дар финали Ҷоми Осиё-2024 футзалбозони Эрон ва Тайланд бозӣ карданд. Эрониҳо бо натиҷаи 4:1 пирӯз ва барои бори 13-ум қаҳрамон шуданд.

Президенти ФФТ Рустам Эмомалӣ барои ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми ҷаҳон-2024 роҳхат гирифтан ба тими миллии футзали кишвар ҳамчун мукофотпулӣ 100 ҳазор доллар чудо кард.

*Дар зимн, сабадҳои қуръакашии Ҷоми ҷаҳонии футзал-2024 маълум шуд:*

**Сабади 1:** Ӯзбекистон, Бразилия, Испания, Аргентина, Португалия, Эрон.

**Сабади 2:** Қазоқистон, Парагвай, Украина, Марокаш, Тайланд, Панама.

**Сабади 3:** Коста-Рика, Гватемала, Венесуэла, Зеландияи Нав, Куба, Либия.

**Сабади 4:** Афғонистон, Ангола, Хорватия, Фаронса, Нидерланд, Тоҷикистон.

ҶУДО

# МУСОБИҚАИ DUSHANBE GRAND SLAM 2024 ШУРУЪ МЕШАВАД

**3-юми май дар шаҳри Душанбе аввалин мусоибқаи Dushanbe Grand Slam 2024 шуруъ мешавад, ки дар он паҳлавонон аз 72 кишвари ҷаҳон ширкат мекунанд. Мусобиқа то 5-уми май идома мекунад.**




Тоҷикистонро дар ин мусобиқа байни мардон дар вазни 60 кг - Меҳрзод Сӯфиев, Муҳаммадсолеҳ Кувватов, Муҳаммад Маҳмадизода, Ҳақдод Гулов; 66 кг - Обид Чебов, Муллораҷаб Халифаев, Ёсин Бобокалонов, Бобоҷон Муқтадирӣ; 73 кг - Беҳрӯзи Хоҷазода, Абубакр Шеров, Муҳаммадшариф Наҷмуддинов, Муҳаммадраҳим Сараҳонов; 81 кг - Сунатулло Лоиқов, Сайфиддин Сайфиддинзода, Сунатулло Мусоев, Раҳматулло Фарҳодов; 90 кг - Комроншоҳи Устопириён, Шодмон Ризоев, Акмал Муродов, Муҳаммад Абдуҷализода; 100 кг - Ҷаҳонгир Маҷидов, Парвиз Абдураҳмонов, Эмомризо Анварзода, Кароматулло Хакимов; +100 кг - Темур Раҳимов, Раҳмон Мансур, Некрӯзшоҳ Некбахтзода, Шарифҷон Назриев ва дар байни занон дар вазни 48 кг - Райҳонаи Розиқзода; 52 кг - Аҳдия Муминова, Насиба Қарлиқова, Мадина Қурбонзода; 57 кг - Фазилат Гулбоева, Раҳмия Ханчарбекова; 63 кг - Шоҳида Қаландарова, Ҷонона Назарова; 70 кг - Мавлуда Одинаева намояндагӣ мекунанд.

Дар зимн, Эмомалӣ Нуралӣ бинобар сабаби омодагӣ ба Чемпионати ҷудои ҷаҳон ва Сомон Махмадбеков бо сабаби осеби гирифтааш дар Чемпионати ҷудои Осиё дар мусобиқаи Гранд Слами Душанбе иштирок намекунанд.

ФУТБОЛ

# ПИРӮЗИИ АВВАЛИНИ «КӮКТОШ» ВА «ВАХШ» ДАР МАВСИМ

**Дар даври чоруми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон дастаҳои «Кӯктош» ва «Вахш» аввалин пирӯзии худро ба даст оварданд.**

Дастаи «Кӯктош» бар «Баркчӣ бо ҳисоби 2:1 ғалаба кард. Ин аввали пирӯзии ин даста дар мавсим аст. КМВА дар сафар «Исравшан»-ро бо ҳисоби 1:0 мағлуб ва мавқеашро дар зинаи дуюм мустаҳкам кард. "Регар-ТадАЗ" дар сафар бар "Ҳосилот" бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд ва ба ҷойи сеюми ҷадвал баромад.

«Эсхата» бо 10 бозигар бо «Равшан» мусовӣ кард. Дастаҳо якголӣ заданд. «Вахш» аввалин пирӯзияшро дар мавсим бо голи Худойдод Узоков дар дақиқаи 95-ум ба даст овард. Бохтариҳо бар «Панҷшер» пирӯз шуданд. «Панҷшер» ягона дастаест, ки то ҳол имтиёз ба даст наовардааст.

Соли шашум аст, ки "Хуҷанд" бар "Истиқлол" дар Лигаи олӣ ғалаба карда наметавонад. Дар ин давр «Истиқлол» бо ҳисоби 1:0 бар «Хуҷанд» пирӯз шуд ва бе шикаст бо 12 имтиёз дар ҷойи аввал аст.




## РЕЗААХБОР

Дар шаҳри Душанбе чемпионати CAFA-2024 байни дастаҳои занонаи то 18-сола ба анҷом расид. Дар мусобиқа 5 дастаи занонаи минтақа ширкат карданд. Ҷойи якумро эрониҳо бо 10 имтиёз соҳиб шуданд. Ҷойи дуюмро Ӯзбекистон (9 имтиёз), ҷойи сеюмро Қирғизистон (7 имтиёз) гирифтанд. Дастаи занонаи Тоҷикистон бо се имтиёз ҷорум шуд. Туркманистон бидуни ҳол дар зинаи охир қарор гирифт.

***

Бозиҳои марҳилаи нимниҳоии Ҷоми Осиё 2024 миёни дастаҳои то 23-сола дар Қатар ба анҷом расиданд. Дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон ва Ҷопон бо ғалаба бар Индонезия ва Ироқ ба финал роҳ ёфта, роҳхати Бозиҳои Олимпии Париж 2024-ро соҳиб шуданд. Ҳарду бозӣ бо ҳисоби 2:0 ба охир расид. Ҷопон ва Ӯзбекистон рӯзи 3-юми май дар финали мусобиқа бо ҳам бозӣ мекунанд.

***

Муштзани сангинвазни тоҷик Давлат Болтаев дар мусобиқаи «Шоми бокс» дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон бар муштзани қазоқ Сагиндик Тогамбай пирӯз шуд. Тогамбай дар мусобиқаи мазкур дебют кард ва дар як рақобати сахту сангин аз муштзани мо Давлат Болтаев (4-0, 2 КО) дар раунди шашум бо қарори ҷудогонаи доварон мағлуб шуд. Давлат Болтаев пирӯзии панҷуми худро дар ринги ҳирфаӣ ба даст овард.

***



Бо ташаббуси роҳбарияти клуби футболи "Истиқлол" бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва рушди минбаъдаи мураббиёни ватанӣ дар Душанбе семинари омӯзишӣ бо иштироки мураббии шинохтаи футбол Юрий Павлович Семин баргузор мегардад. Дар ин бора дафтари матбуоти бошгоҳи "Истиқлол" хабар додааст. Семинари дурӯзаи назариявӣ ва амалӣ 2-3-юми май дар меҳмонхонаи Hyatt Regency ва дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ баргузор мешавад.

# ОЛМОН

## Боздошти 5 тоҷики муттаҳам ба терроризм

**Прокуратураи федералии Олмон рӯзи 24-уми апрели соли 2024 дар сомонааш хабар дод, ки бар зидди 7 зодаи Осиёи Марказӣ бо иттиҳоми ташкили гурӯҳи террористӣ, иштирок дар фаъолияти ин гурӯҳ ва пуштибонӣ аз созмони террористии ДОИШ расман айб эълон кардааст.**




5 муттаҳам шаҳрвандони Тоҷикистон ва якнафарӣ аз Туркманистон ва Қирғизистон будаанд.

Бино ба иттилои додситонӣ, ин 7 нафар соли 2022 аз Украина ба Олмон омада, аз моҳи июли соли 2023 дар боздошт қарор доранд. Иттиҳоми терроризм бар зидди ин 7 зодаи Осиёи Марказиро рӯзи 28-уми марти соли 2024 дар бахши парвандаҳои амнияти давлатии додгоҳи минтақаи Дюсселдорф эълон кардаанд.

**Додситонии федералии Олмон исми ин 7 нафарро низ нашр кард:**

*1. Шаҳрванди Туркманистон Ато А.*
*2. Шаҳрванди Тоҷикистон Муҳаммадшуҷоъ А.*
*3. Шаҳрванди Қирғизистон Аброрҷон К.*
*4. Шаҳрванди Тоҷикистон Нуриддин К.*
*5. Шаҳрванди Тоҷикистон Шамшод Н.*
*6. Шаҳрванди Тоҷикистон Саид С. И.*
*7. Шаҳрванди Тоҷикистон Рабонӣ З.*

Прокуратура мегӯяд, далелҳои кофӣ ба даст овардааст, то ки ин афродро ба ташкили гурӯҳи террористӣ ва иштирок дар фаъолияти ин гурӯҳ айбдор кунад.

# РАҲОӢ АЗ ҶАҲАННАМ

## Боз 47 зану кӯдаки тоҷик аз Сурия оварда шуданд








**25-уми апрел боз 47 шаҳрванди Тоҷикистон - 15 зан, 17 духтар ва 15 писарро, ки аъзои 13 оила будаанд, тавассути ҳавопаймои махсус аз Ҷумҳурии Арабии Сурия ба Ватан баргардониданд.**

Аксари овардашудагон зану фарзандони нафароне ҳастанд, ки дар сафи ДИИШ мечангиданд.

Дар фурудгоҳи Душанбе онҳоро муовини сарвазири Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, муовини якуми роҳбари Дастгоҳи иҷроияи президент Фирдавс Ҳаётзода, ёрдамчии президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдулло Раҳмонзода, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва дигар шахсони масъул пешвоз гирифтаанд.

Дар умум дар давоми солҳои 2017-2024 дар чанд марҳила аз Ироқу Сурия наздики 400 шаҳрванди Тоҷикистон, аксаран кӯдакон ба Ватан баргардонида шуданд. Нақши асосиро барои аз Сурияву Ирок пас овардани шаҳрвандони тоҷик сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдзода бозӣ кардааст. Ӯ тоза чанд рӯз қабл барои музокираи масъалаи баргардондани гурӯҳи навбатии шаҳрвандони тоҷик ба Сурия сафар карда буд.

# ҲАМСАРУ ХУШДОМАНРО КУШТ. ЧАРО?

**Ҳасанов Мақсудҷон Баҳромович, соли таваллудаш 1988, сокини деҳаи Нурободи ҷамоати Муҷуни ноҳияи Деваштич субҳи 26-уми март барои анҷоми корҳои саҳроӣ ба сари заминаш раҳсипор буд.**



Дар қади кӯчаи деҳаи Нуробод ҳамсари собиқаш Бобоева Мастона Анварҷоновна, соли таваллудаш 1995 ва модари ӯ Бобоева Шоира Аллаевна, соли таваллудаш 1971-ро вохӯрдааст. Азбаски Мақсудҷон Ҳасанов баъди ҷудо шудан аз Мастона Бобоева аз нав издивоҷ карда буд, ҳамсару хушдомани собиқаш дар роҳ ӯро зери борони таънаву бадгӯӣ қарор медиҳанд. Мақсудҷон Ҳасанов аз ин ба хашм омада, бо табаре, ки барои анҷоми корҳои саҳроӣ бо худ гирифта буд, занҳоро таъқиб мекунад.

Модару духтар барои наҷоти ҷони худ ба саҳни ҳавлии як ҳамдеҳаашон даромада, мехоҳанд пинҳон шаванд, вале Мақсудҷон Ҳасанов ҳам аз паси онҳо вориди он ҳавлӣ шуда, ҳардуро бо табар ба қисмати сару рӯяшон зада, аз пой меафтонад.

Мастона Бобоева дар ҷойи ходиса ва Шоира Бобоева баъдан дар бемористон ба ҳалокат расидаанд. Мақсудҷон Ҳасанов сипас ба милитсия рафта, худро супурдааст.

Ба Мақсудҷон Ҳасанов барои куштори ду нафар бо бераҳмии махсус ҳамчун ҷазо аз 15 то 25 соли зиндон ё ҳабси умрбод таҳдид мекунад.



**Агентии мубориза бо коррупсияи ҶТ рӯзи 29-уми апрели соли 2024 аз анҷоми тафтиши пешакӣ ва ба додгоҳ супурдани парвандаи ҷиноятӣ бар зидди Искандар Шафеиён, як мансабдори баландпояи шаҳрдории Исфара хабар дод.**

Ӯ бо иттиҳоми гирифтани пора ба маблағи хеле бузурги 180 ҳазор сомонӣ (беш аз 16 ҳазор доллар) дар ивази ҷудо кардани қитъаҳои замин гумонбар аст. Шафеиён, мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои дастгоҳи раиси шаҳри Исфара моҳи январи соли 2022 дар ҷараёни муноқишаи марзӣ тир хӯрда буд.




**Муовини раиси ноҳияи Шаҳритус бо гумони гирифтани 5 ҳазор сомонӣ пора барои озод намудани як ҷавон аз хидмати ҳарбӣ боздошт шудааст.**

Дар ин бора Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон хабар медиҳад. Комилҷон Мирзобадалзода аз як сокини ноҳияи мазкур барои озод кардани писари муҳоҷираш аз ӯ панҷ ҳазор сомонӣ талаб кардааст. Ӯ ҳангоми гирифтани пул дар дохили мошинаш дастгир шуд. Нисбати ӯ ба иттиҳоми гирифтани ришва бо моддаи 319-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст.



**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 26-уми апрели соли 2024 аз боздошти корманди Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор хабар дод.**

Қосимов Қ. Т., мутахассиси пешбари Кумитаи идораи замин дар шаҳри Ҳисор охирҳои моҳи январи соли 2024 бо истифода аз мақоми хизматӣ ба боварии шаҳрванд С. М. даромада, аз номбурда барои омада намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои манзили истикоматиаш маблағи 30 000 сомонӣ талаб карда, аз ин 20 000 сомониро худи ҳамон вақт гирифта, оварда додани боқимонда 10 000 сомонии дигарро талаб намудааст. Феълан тафтишот идома дорад.

# МУБОРИЗА БО ШАБУШК

**Ба саҳифаи "Канзи шифо" чанд нафар аз хонандагон занг зада, аз он нигаронӣ карданд, ки дар мӯйи сари кӯдакони хурдсолашон шабушк пайдо шудааст. Вале набояд аз шабушк тарсид. Мо ба шумо роҳи мубориза бо онро мегӯем.**







### Паразити чаққон

Ҳарчанд шабушкро хоси аҳолии бенаво шуморанд ҳам, сироят ёфтан аз он ниҳоят осон аст. Шабушк ҳатто дар мӯйи сари одамони сарватманду тозатабиат ҳам пайдо мешавад. Ин паразитҳои хурд ниҳоят сернасланд. Шабушк паразити хунмак аст. Он на парида метавонаду на ҷаҳида, лекин дар давидан ниҳоят чаққон аст. Аз ин лиҳоз, шабушк ба зудӣ аз як кас ба каси дигар мегузарад. Бештар кӯдакон гирифтори шабушк мегарданд. Нишонаи асосии шабушк задани мӯй хориши сар аст. Пас аз шонакунии мӯй эҳтимоли пайдо шудани газак вуҷуд дорад. Бар замми ин, гумшавии иштиҳо, бехобӣ ва бар асари он халалёбии системаи асаб сар мезанад.

### Тозакунии мӯй осон аст?

Тоза кардани мӯй аз шабушк он қадар кори душвор нест. Пештар роҳи халосиро дар тарошидани мӯйи сар медиданд. Ин усул самарабахш бошад ҳам, вале на ҳама аз мӯйҳои зебояшон маҳрум шудан мехоҳанд. Алъон, дар дорухонаҳо маҳлулҳои зиёди зидди шабушкро мефурӯшанд. Ҳамаи ин маҳлулҳо самаранок ҳастанду бехатар. Аз паразитҳо бо кумаки ин дорувор бо осонӣ халос мешаведу эҳтимоли дубора гирифтори он шуданатон хеле кам мегардад.

### Тавсияи тиби халқӣ

Новобаста ба он ки фармокология ин мушкилро ниҳоят хуб ҳал мекунад, имрӯз низ аксарият пайрави воситаҳои халқӣ ҳастанд. Киросин ва сирко (уксус) шабушкро нобуд месозанд, вале ришк -тухми шабушкро нест карда наметавонанд.

Мӯйи сари духтаратонро бо маҳлули иборат аз 1/2 оби гарм ва 1/2 сирко обгардон кунеду сипас ба сараш кӯлохча пӯшонед ва 15-20 дақиқа нигоҳ дошта, баъд шӯед ва шона занед. Зарур аяд, баъди як ҳафта муолиҷаро такрор намоед.

Равғани зайтун ҳам барои нест кардани шабушк давост. Ба мӯйи тар равғани зайтун молида, муддати 8-9 соат нигоҳ доштан лозим аст. Пас аз ин сарро шуста бо шонаи майдадандон шона мекунанд. Барои пешгирии такроран шабушк задани сари кӯдакон ба тозагӣ риоя кардан лозим аст.

Беҳтарин роҳи мубориза бо шабушк риоя кардани гигиенаи шахсӣ аст.

# ШИБИТ - ДАВОИ ДАРДИ ШИКАМ

**Ҳамарӯза мо дар таомҳо шибит ҳамроҳ мекунем, вале дар мавриди хосиятҳои табобатии он андеша намекунем.**

Дар таркиби шибит равғани эфир, селлюлоза, флавоноидҳо, равған, шакар, каротин ва моддаҳои азот мавҷуданд. Шибит бӯйи тез дорад. Он ба таом маза ва ороиш дода, иштиҳоро мекушояд.

Шибити хушкро бо дигар гиёҳҳо омехта карда, зиравориҳо месозанд, аз тухмиҳо барои хушбӯй кардани чой ва сирко истифода мебаранд.

Ин кабудӣ хусусиятҳои сафровӣ ва пешобронӣ дорад ва бо илтиҳоби масона ва беморихои гурда самаранок мубориза мебарад. Он дар муддати кӯтоҳ бедорхобӣ ва дарди сарро бартараф мекунад. Дамлаваи шибит хусусияти васеъ кардани рагҳо ва паст кардани фишори хунро дорад.

Дар тиби қадим занон барои давои дарди шиками фарзандон аз тухми шибит истифода мебурданд. Зеро, тухми шибит барои тоза кардани рӯда аз гиҷҷаҳо самара медиҳад. Барои ин шибити хушккардаро майда карда, як қошиқ дар дили наҳор истеъмол мекунанд.




## МАСЛИҲАТ

# РАВҒАНИ ЗАЙТУН

**Равғани зайтун имрӯзҳо аз ҷониби табибон ба ҷойи равғани офтобпарасту пахта ва растанӣ бештар тавсия дода мешавад. Миҷози он гарм ва хушк буда, ба саломатии инсон фоида дорад.**

### Хосиятҳои шифобахшии он:

65 грамм равғани зайтунро бо 300 грамм оби гарм ё оби ҷав биёшоманд, дарунро башиддат меронад, дарди узвҳои бадан ва радикулитро шифо мебахшад; агар инро бо шароб ва оби гарм биёшоманд, қулинҷро, ки дард ва варами рӯдаи ғафс аст ва дарди рӯдаҳоро дафъ мекунад, кирмҳои меъдаро хориҷ месозад, сангхои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, арақ меоварад, пешобро меронад; дардҳои буғумҳо, иркуннасо, дарди сурин ва ғайраҳоро ба ибро меоварад. Агар равғани зайтун хӯрда қай кунанд, заҳрҳоро аз бадан дафъ месозад.



Бо равғани зайтун нимгарм ҳуқна (клизма) кунанд, қулинҷи варамӣ ва гиреҳӣ, дарди миён, дарди буғумҳо ва иркуннасоро шифо мебахшад.

Агар инро бимоланд, дардҳоеро, ки сабабашон моддаҳои хунукмиҷоз ва аз хунукӣ бошанд, таскин медиҳад.

Миқдори як бор хӯрдан аз равғани зайтун дар як рӯз то 35 грамм аст. Табибон бештар равғани кӯҳнаи зайтунро тавсия медиҳанд. Агар баъд аз кашида шудани равғани зайтун шаш сол бигузарад, онро равғани зайтуни қадим меноманд, вале баъзеҳо инро баъд аз шаш моҳ гуфтаанд.

## Толеънома



**Ҳамал**
*21.03 - 20.04*

Бо шарофати қобилиятҳои роҳбарӣ карда тавонистанатон мушкилиҳои сарзадаро ба зудӣ ва бари вақт бартараф месозед. Дар ин шаба рӯз хонаву дари худро аз чизҳои нодаркор тоза кунед. Аз меҳру муҳаббати дӯстдоштаатон сер мешавед.



**Савр**
*21.04 - 21.05*

Фаъолнокии шумо атрофиёнро ба ҳайрат меорад. Ба нуқтаи назари дигарон гӯш кунед, вале ба хости дили худ амал намоед. Ҳафта барои сафару саёҳат созгор аст. Таҷрибаҳои андӯхтаатон дар оянда лозим мешаванд. Дар муносибатҳои ошиқонаатон душвориҳо сар мезанад.



**Ҷавзо**
*22.05 - 21.06*

Бо вуҷуди он ки такягоҳ ё пуштибоне доред, ба кумаки беғаразӣ касе умед набандед. Бо ҳар нафаре, ки дар шоҳроҳи зиндагӣ вомехӯред, бовар накунед. Зимни робита бо наздикон муноқишаҳои хурду ночиз сар мезананд, хусусан бо шахси дӯстдоштаатон нофаҳмӣ имкон дорад.



**Саратон**
*22.06 - 23.07*

Мушкилиҳои назаррас дар хаётатон дида намешавад, вале атрофиён пайваста диққати шуморо ба худ ҷалб карданӣ мешаванд. Агар ранҷидани касеро намехоста бошед, бояд бо ҳама меҳрубон бошед. Кӯшиши баргардонидани чизеро, ки кайҳо аз даст додаед, накунед.



**Асад**
*23.07 - 22.08*

Дар масъалаҳои корӣ аз вазъиятҳои мусоиде, ки барои беҳтар сохтани вазъи зиндагиятон пеш меоянд, ҳатман истифода баред. Вале аз қафои чизе ё касе давиданатон лозим нест. Нафароне, ки ҳанӯз бахти худро пайдо накардаанд, сахт хассос мешаванд.



**Сунбула**
*23.08 - 22.09*

Агар фаъол бошеду ҳамеша аз пайи омӯзиш ва корҳои муҳим талош варзед, таҷрибаи калон ба даст меоред. Диққати бештари худро ба мушкилоте, ки дарҳол бартараф намегарданд, равона накунед. Эҳтимол ба коре даст мезанед, ки баъдан сахт пушаймон мешавед.



**Мизон**
*25.09 - 22.10*

Дар муносибатҳои шахсӣ, оилавӣ ва тиҷоратӣ ба беparвоӣ ва дурӯягӣ роҳ надиҳед. Ҳама чиз бояд барои шумову ҳамаи атрофиён комилан фаҳмо бошад. То охири ҳафта бо неруи баланд ва табъи болида буданатон лозим аст. Саломатӣ дар ин ҳафта ташвиш намедиҳад.



**Ақраб**
*23.10 - 22.11*

Дар масоили корӣ ба шарте муваффақ мегардед, ки аз тахти дил заҳмат кашед. Аз субҳ то шом кор карданатон шарт нест, вале кори худро аз тахти дил анҷом диҳед. Дар акси ҳол ба натиҷаи назаррас расида наметавонед. Барои аҳли оила вақт ёфтанатон лозим аст.



**Қавс**
*25.11 - 21.12*

Бо вуҷуди он ки корҳоятон аз рӯи нақша ҷорӣ намегарданд, ба ҳеҷ ваҷҳ руҳафтода нагардед. Бо вуҷуди сар задани душвориҳо сабур бошед. Сабру таҳаммул дари муваффақиятро ба рӯятон боз мекунад. Дӯстдоштаи худро ҷонбезор накунед, вагарна ӯро аз даст медиҳед.



**Ҷаддӣ**
*22.12 - 20.11*

Ҳафтаи муътадил аст. Барои анҷом додани корҳои муҳим кӯшиши зиёд ба харҷ доданатон лозим аст. Бояд аз пайи корҳои нав шуда, вақту имконият пайдо кунед. Нисбати атрофиён бодиққат бошед, танқидро ба дил наздик қабул накунед.



**Далв**
*21.01 - 19.02*

Ҳар қадаре метавонед, уҳдадориҳои худро ба таври касбӣ анҷом диҳед. Дар ин ҳафта ба маслиҳати нафарони бароятон азиз гӯш андозед. Ба нафаре дил баста, сахт пушаймон мешавед. Барои мустаҳкам сохтани масуният витамин гирифтанатон лозим аст.



**Ҳут**
*20.02 - 20.03*

Дар ин ҳафта кори худро ба таври бояду шояд анҷом диҳед, рақибонро фаромӯш насозед. Танҳо ба қувваи худ умед бандед, аз имкон берун нест, ки тақдир ба шумо имтиҳони ҷиддиеро омода менамояд. Фаромӯш насозед, ки "даҳони пӯшида сад тилло" гуфтаанд.

# АБДУЛҚАЮМИ ҚУРБӢ

## Дар саргаҳи матбуот ва худшиносии миллӣ

(Аввалаш дар саҳ.9)

Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад, яъне қавми бе рӯзнома мисли одами безабон аст».

Акнун Абдуқаюм мебоист ҳушёртар бошад. Зеро душманони миллат мехостанд чун «Шуълаи инқилоб» бо иғвогарӣ ба нашрияи ягонаи «Овози тоҷики камбағал» монеъ шаванд. Аз ин боис сармуҳаррири рӯзнома дар атрофи худ як гурӯҳ эҷодкорон, аз қабили Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Нисор Муҳаммади Афғон, Ҷавдат, Бектош, Фахриддини Роҷӣ, Ҳоҷӣ Муин, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим барин адибону рӯзноманигорони пуртаҷрибаро муттаҳид карда, аз пайи пешбурди нашрияи навбунёд дар ҳаракат шуд. Мавзуъ ва масъалаҳое, ки баҳри рушду камоли маънавияти мардуми маҳаллӣ асоситарин ба шумор мерафтанд, дар саҳифаҳои рӯзнома мунтазам дарҷ мешуданд. Шеъру ғазалҳои шоирони ҳамон давр, ки истиқлол, маҳви бесаводиро тараннум мекарданд, дар ҳар шумораи рӯзнома ба чоп мерасид.

Аз чопи рӯзнома на танҳо мардуми Самарқанду Бухоро, балки халқу мардуми Хуҷанду Истаравшан, воҳаҳои Кӯлобу Помир низ шоду хуррам буданд. Барои паҳн кардани рӯзнома дар музофоти дурдаст сармуҳаррир Қурбӣ равшанфикрон - шоир Пайрав Сулаймонӣ (аз Бухоро), Бадриддин Азизӣ, Ноил Шерзода (аз Ӯротеппа), Қурбон Маҳмудзода (аз Хуҷанд), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (аз Фарғона)-ро ба кори нашрияи нави «Овози тоҷики камбағал» даъват намуд. Ақли ҷамоа якдилу якҷон шуда, ба мураккабиҳои замона нигоҳ накарда, рӯзномаро ба дасти мардум мерасониданд.

### Талош барои бедорӣ

Абдуқаюми Қурбӣ дар он солҳои пуртаҳлука баробари сармуҳаррирӣ бо нишондоди Ҳизби коммунист чанд муддат дар вазифаҳои масъулиятноки он замона фаъолият нишон дод. Масалан, ҳангоме ки ӯ дар вазифаи комиссари халқии ислоҳоти замини Тоҷикистон кор мекард, дар мавриди барои мардуми Бухорои Шарқӣ (қисми Тоҷикистони имрӯза) таъсис додани рӯзномаи «Бедории тоҷик» аз аввалинҳо шуда саҳмгузор шуд. Барои обуна ва паҳн кардани он якчанд шахсони маърифатпарварро ҷамъ карда, роҳу равиш нишон дод. Раиси комиссариати маориф Нусратулло Махсум Фатҳуллоев ва муовини ӯ Аббос Алиевро водор кард, ки ба кормандони рӯзнома аз наздик кумак расонанд. Абдуқаюми Қурбӣ инчунин дар музофоти Хуҷанд барои бунёди мактабҳои усули нав ва бо омӯзгорон таъмин кардани онҳо кумак мерасонад.

Он солҳо ба нашрияҳо роҳбарӣ кардан басо мураккаб буд. Дар ин бора нависанда Раҳим Ҳошим, ки корманди рӯзномаи «Овози тоҷик» маҳсуб мешуд, дар хотираҳояш менависад: «Коғаз на ҳама вақт дастрас буд. Рӯзҳоеро медонам, ки Қурбӣ ва Ализода барои дар вақташ чоп кардани газета аз савдогарҳо ба нася коғаз мегирифтанд». Ба ҳамаи ин қабил мушкилиҳо нигоҳ накарда, Абдуқаюми Қурбӣ ва ҳамкорон аз пайи нашри рӯзнома ва ташкил кардани мактабҳо ҳаракат мекарданд.



*Нашрияи "Овози тоҷик", ки шумораи нахустини он соли 1924 нашр шудааст ва Қурбӣ нахустин муҳаррири он буд*

Моҳи феврали соли 1925 дар Самарқанд барои чопи китобҳои дарсию илмӣ нашриёти давлатӣ таъсис ёфт. Аз моҳи марти ҳамон сол Абдуқаюми Қурбӣ ба сифати адиб ва муҳаррири масъули рӯзномаи «Овози тоҷик», ҳамчун узви коллегияи нашриёти номбурда фаъолияти худро давом дод.

### Сарнавишти талх

Аммо дар айни камолоти эҷодӣ ӯ ба касалии диққи нафас дучор шуд. Супоришҳои ҳизбиро адо кардан ба Қурбии маърифатпарвар гаронӣ кард. Ӯ бо як мушкилӣ кори рӯзнома ва нашриётро то соли 1926 ба ҷо овард. Аммо беморӣ рӯз то рӯз хуруҷ мекард. Бинобар ин Абдуқаюм ихтиёран аз кори ҳизб ва матбуот даст кашида, бо касби падарӣ - заргарӣ машғул шуд. Лекин навиштани шеъру ғазалро тарк накард. Ҳамоно мисли пештар дар болохона бо дӯстони худ шабҳои шеърхонӣ ташкил мекард. Аммо замон ноором шуда буд. Аз чӣ сабаб бошад, дӯстонаш Ҳоҷӣ Муин, домулло Ҷомеъ, Вадуд Маҳмудӣ ва чанде дигарон бо туҳмати ногаҳонӣ ба ҳабс гирифта шуданд. Дар ин мобайн ду-се фарзандони ӯ пасу пеш аз сабаби бемориҳои гуногун вафот мекунанд, пас он аҷали ногаҳонӣ модари пиронсолашро ба коми худ кашид. Қурбӣ рӯзҳои сахту вазнинро бо ҳамсари вафодораш Малоҳатбибӣ бо ғаму андуҳ паси сар мекард.

Нимаи аввали солҳои 30-юми асри гузашта баҳабсгирии аҳли маориф хеле авҷ гирифт. Ҳар рӯз як хабари нохуш паҳн мешуд. Ин аст, ки аксар одамони босавод дар тарсу ваҳм монданд. Ин ҳолатро Абдуқаюм Қурбӣ ба хубӣ сарфаҳм мерафт. Мақсади он нобакорон барбод додани маърифату маданияти миллии мардуми маҳаллӣ буд. Қурбӣ аз он дар ҳарос буд.

Моҳи ноябри соли 1937 баногоҳ НКВД-чиён дар хона Қурбиро дастгир карда, бо мошини зиреҳпӯш гирифта мераванд. Малоҳатбибӣ кӯдаки парпеч дар оғӯш доду вой гӯён монд. Баъд маълум шуд, ки Қурбӣ бо айби аксулинқилобчӣ 10 сол ба бадарға ҳукм шудааст.

Баъди ду соли ин воқеа Малоҳатбибӣ дар ғами шавҳари вафодораш аз дунё гузашту тарбияи духтараки дусолааш Ӯлмасой ба зиммаи амаку аммаҳояш монд.

Ҳарчанд баъди вафоти Сталин аксар ҷадидон бегуноҳ ҳисобидаву номашон барқарор шуда бошад ҳам, дар бораи Қурбӣ чунин маълумот пайдо нашуд.



*Санги ёдгорӣ дар кӯчае, ки Қурбӣ дар он зиндагӣ кардааст*

### Қурбӣ бегуноҳ аст…

Фарзанди ягонаи Абдуқаюм Қурбӣ Ӯлмасой ва духтари босаводи ӯ Муборак Содиқова солҳои зиёд дар ҷустуҷӯи ҳақиқат шуда, ба идораҳои дахлдор муроҷиат карданд. Ахиран Суди вилояти Самарқанд ба аризаи онҳо 31-уми октябри соли 1986 чунин ҷавоб гардонд:

> *«Суди вилоятӣ ба шумо хабар мерасонад, ки кори ҷиноии Қурбӣ (Ҳамроев) Абдуқаюм Ҳамроевич, яъне падари шумо, ки бо моддаи 66-уми қисми 6-уми Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон айбдор шудааст ва бо ҳукми Тройкаи НКВД-и Ӯзбекистон 28-уми октябри соли 1937 маҳкум шуда буд, бекор карда шудааст. Дар ҳаракати падари шумо ҷиноята набудааст ва пурра сафед шудааст. Раиси Суди вилояти Самарқанд А. Мардиев».*

Инак, ҳақиқат аён шуд ва пайвандон дар саркӯчаи ҳавлии Қурбӣ (ҳоло ин ҳавлии қадима барқарор аст) тахтасанги ёдгорӣ гузоштанд, ки дар он чунин навишта шудааст:

> *«Қурбӣ - Абдулқаюм Ҳамроев (1886-1937) - шоир, адиб, арбоби ҷамъиятӣ, рӯзноманигор, муҳаррири аввалини рӯзномаи «Овози тоҷик»».*

Ин ҳақиқат баъд аз 50 сол барқарор шуд.

**Ҳамза ҶӮРА,**
**Самарқанд**

## МАВЛУДНОМА

**• 2 МАЙ •**

**Ҳокимшо Ҳафизов** (1964-2006), 60-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Каримҷон Ҳусейнов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

**Нодира Шукурова** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Георгий Шенгелли** (1894-1956), 130-солагии зодрӯзи шоири рус, мутарҷими осори адибони муосири тоҷик.

**• 3 МАЙ •**

**Бегалӣ Аҳмадалиев** (1929), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Анвар Мақсудов** (1964), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Фатҳиддин Сироҷов** (1949-2004), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

**Вадим Массон** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих-шарқшиноси рус, доктори илми таърих.

**• 4 МАЙ •**

**Шералӣ Боев** (1944-2010), 80-солагии зодрӯзи режиссёри телевизион, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Зумрат Ғайбуллоева** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия, ихтироъкор.

**Неъматулло Сафаров** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Зиёдулло Шаҳидӣ** (1914-1985), 110-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**• 5 МАЙ •**

**Аббоси Афсаҳзод** (1964), 60-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Субҳонқул Валиев** (1949), 75-солгии зодрӯзи журналист.

**Пирумшо Зайдов** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Даврон Каримов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Қодир Наимӣ** (1914-2002), 110-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Саъдоншо Нафасшоев** (1934-2005) 90-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдукарим Умаров** (1944-1999), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

**Иноят Шарифов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Ҳафиз Раҳмонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Эргаш Шоҳзода** (1939-2012), 85-солагии зодрӯзи забоншинос, шоир.

**Борис Шмелев** (1914-1990), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Марям Яукачева** (1929), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос- эроншиноси тотор.

**• 6 МАЙ •**

**Олег Динник** (1924-1994), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Зафар Искандаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Наҷмуддин Коҳӣ** (1464-1561), 560-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**Истадой Раҳматова** (1924-2007), 100-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҷон Кирокосян** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих, эроншиноси арман, доктори илми таърих.

**• 7 МАЙ •**

**Алиризо Раҳмонқулов** (1929-2020), 95-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 8 МАЙ •**

**Турсунбой Воҳидов** (1934), 90-солагии зодрӯзи механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Владимир Рейман** (1924-1994), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Султонмаҳмад Элназаров** (1939-2003), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Наталя Пригарина** (1934), 90-солагии зодрӯзи адабиётшиноси рус, доктори илмҳои филологӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Фавран фурӯхта мешавад! Ҳавлӣ, 2 дар хона, ошхона, ҳаммом, сауна, бассейн, ҳоҷатхона, ҳамзамон фундаменти тайёр барои сохтмони хонаи 2-ошёна: дохили фундамент аз санги тоза пур карда шудааст, дарвозаи 5-метра. Масоҳаташ 10 сотих, масолеҳи сохтмонии дохили ҳавлӣ ба нархи он дохил мегардад. Хона 1 км аз роҳи калон ҷойгир аст, дар паҳлуяш мактабу мағоза, масҷид, нарх 450 000 сомонӣ. Тел.: 559-07-95-95

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Наимова Гулпочо, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Тунис 8, ҳ. 78, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0935610 ба номи Шерова Ҳадиса Ёралиевна, ки санаи 03.06.2013 аз ҷониби МТМУ №38-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ордер ба номи Сидиқова Малоҳат Саҳобидиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ю. Вафо 83, ҳ. 68, соли 1990, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ, Миника 1102Ф, №1021423, ба номи Садуллоева Шарифмох Файзалиевна, РМА: 035189803, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01303610, ба номи Рузиев Шарифхуҷа Сайдалиевич, ки санаи 26.02.2018 аз ҷониби ШВКД-2 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0406668 ба номи Расулова Раҳима Ғайбуллоевна, ки санаи 24.06.2017 аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патент ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ва ИНН ба номи Назаров Хуршед Абдуллоевич, №0553960, РЯМ: 0430298275, РМА: 025277358, санаи судур 18.10.2022, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши хона тахти реестри №10Д-711 аз санаи 27.12.1995 ба номи Саидумаров Искандар Якобирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 9/6, ҳ. 63, ки дар нотариуси давлатии Идораи 2-юми нотарити давлатии шаҳри Душанбе ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси хоҷагии деҳқонӣ ба номи Каримов Ҳақималӣ Раҷабалиевич, РЯМ: 1230078282, РМА: 037110051, ки соли 1999 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0246906 ба номи Джумаева Фарзона Садриддиновна, ки соли 2009 аз ҷониби МТМУ №90-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами кадастри 12-005-001752-02, ба номи Неъматов Нодирҷон Нуруллоевич, бо суроғаи ш. Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Самарқанд 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А4488329, ба номи Насриев Фаррух Рустамович, ки санаи 9-уми августи соли 2007 аз ШКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02361177, ба номи Ким Татьяна Радионовна, ки санаи 24.07.2019 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот тахти феҳристи №10-1701 аз санаи 18-уми майи соли 2023 байни Рустамов Дилшод Восифович ва Исоев Давлатмурод Тағоймуродович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, хиёбони Н. Махсум, маҳаллаи Зарафшон-2 (1-ҳуҷрагӣ, 50 м.м, ошёнаи 8), ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Садиров Муҳамад Садирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 200/1, ҳ. 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ОАО «Ориенбанк»
Финансовая отчетность
За год, закончившийся 31 декабря 2023 года

**ОТЧЕТ О ПРИБЫЛИ ИЛИ УБЫТКЕ И ПРОЧЕМ СОВОКУПНОМ ДОХОДЕ ЗА ГОД, ЗАКОНЧИВШИЙСЯ 31 ДЕКАБРЯ 2023 ГОДА**
*(в тысячах таджикских сомони)*

| | Прим. | За год, закончившийся 31 декабря 2023 года | За год, закончившийся 31 декабря 2022 года |
|---|---|---|---|
| Процентные доходы, рассчитанные с использованием метода эффективной процентной ставки | 4 | 626,314 | 486,959 |
| Процентные и схожие расходы | 4 | (134,534) | (196,963) |
| **ЧИСТЫЙ ПРОЦЕНТНЫЙ ДОХОД ДО ФОРМИРОВАНИЯ РЕЗЕРВОВ ПО ОЖИДАЕМЫМ КРЕДИТНЫМ УБЫТКАМ ПО КРЕДИТАМ КЛИЕНТАМ** | | **491,780** | 289,996 |
| Формирование резерва по ожидаемым кредитным убыткам по кредитам клиентов | | (356,221) | (42,135) |
| **ЧИСТЫЙ ПРОЦЕНТНЫЙ ДОХОД** | | **135,559** | 247,861 |
| Комиссионные доходы | 5 | 95,752 | 96,016 |
| Комиссионные расходы | 5 | (34,892) | (93,636) |
| Чистый доход/(убыток) по операциям с иностранной валютой | 6 | 63,041 | 153,732 |
| Формирование резерва под обесценение и ожидаемые кредитные убытки | 7 | 107,604 | (84,229) |
| Прочие не операционные доходы, нетто | 8 | 2,318 | 959 |
| **ЧИСТЫЕ НЕОПЕРАЦИОННЫЕ ДОХОДЫ** | | **233,823** | 72,842 |
| Операционные расходы | 9 | (208,466) | (188,386) |
| **ПРИБЫЛЬ ДО НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ** | | **109,648** | 132,317 |
| Налог на прибыль | 10 | (15,693) | (43,159) |
| **ПРИБЫЛЬ ЗА ГОД** | | **93,955** | 89,158 |
| Прочий совокупный доход | | - | - |
| **ВСЕГО СОВОКУПНЫЙ ДОХОД** | | **93,955** | 89,158 |

Финансовая отчетность, представленная на страницах с 8 по 12, была подписана Председателем Правления и Главным бухгалтером Банка 29 марта 2024 года.

Прилагаемые примечания на страницах с 13 по 75 являются неотъемлемой частью данной финансовой отчетности.

**Асадуллозода Хасан**
**Председатель Правления**

**Хасанов Мунтасир**
**Главный бухгалтер**

ОАО «Ориенбанк»
Финансовая отчетность
За год, закончившийся 31 декабря 2023 года

**ОТЧЕТ О ФИНАНСОВОМ ПОЛОЖЕНИИ ПО СОСТОЯНИЮ НА 31 ДЕКАБРЯ 2023 ГОДА**
*(в тысячах таджикских сомони)*

| | Прим | 31 декабря 2023 | 31 декабря 2022 |
|---|---|---|---|
| **АКТИВЫ:** | | | |
| Денежные средства и их эквиваленты | 11 | 2,137,292 | 1,303,321 |
| Средства с ограниченным доступом | 12 | 166,679 | 109,223 |
| Средства в банках | 13 | 266,671 | 682,848 |
| Финансовые инструменты, оцениваемые по справедливой стоимости, изменения которой отражаются в составе прибыли или убытка | 14 | 5,088 | 952 |
| Кредиты, предоставленные клиентам | 15 | 2,112,797 | 2,029,425 |
| Инвестиции | 16 | 3,506 | 3,472 |
| Основные средства | 17 | 521,029 | 513,653 |
| Активы в форме права пользования | 18 | 15,623 | 12,046 |
| Нематериальные активы | 19 | 772 | 2,863 |
| Долгосрочные активы, предназначенные для продажи | 20 | - | - |
| Прочие активы | 21 | 162,611 | 61,656 |
| **ИТОГО АКТИВЫ** | | **5,392,068** | 4,719,459 |
| **ОБЯЗАТЕЛЬСТВА И КАПИТАЛ** | | | |
| **ОБЯЗАТЕЛЬСТВА:** | | | |
| Средства банков и финансовых организаций | 22 | 35,285 | 61,572 |
| Средства клиентов | 23 | 2,396,178 | 1,841,487 |
| Займы и облигации к оплате | 24 | 1,598,351 | 1,497,149 |
| Обязательство по аренде | 18 | 17,192 | 13,241 |
| Отложенные налоговые обязательства | | 18,488 | 32,101 |
| Прочие обязательства | 25 | 129,357 | 170,647 |
| **ИТОГО ОБЯЗАТЕЛЬСТВА** | | 4,194,851 | 3,616,197 |
| **КАПИТАЛ:** | | | |
| Акционерный капитал | 26 | 625,337 | 625,337 |
| Резерв переоценки основных средств | 17 | 79,434 | 84,425 |
| Общие резервы | | 108,348 | 108,348 |
| Нераспределенная прибыль | | 384,098 | 285,152 |
| **ИТОГО КАПИТАЛ** | | 1,197,217 | 1,103,262 |
| **ИТОГО ОБЯЗАТЕЛЬСТВА И КАПИТАЛ** | | **5,392,068** | 4,719,459 |

Финансовая отчетность, представленная на страницах с 8 по 12, была подписана Председателем Правления и Главным бухгалтером Банка 29 марта 2024 года.

Прилагаемые примечания на страницах с 13 по 75 являются неотъемлемой частью данной финансовой отчетности.

**Асадуллозода Хасан**
**Председатель Правления**

**Хасанов Мунтасир**
**Главный бухгалтер**

**ҶДММ ТҚҒ "ВАСЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**

*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5 | 11 993 | 3 677 |
| Суратҳисобҳои бонкӣ | 5 | 36 386 | 42 548 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар БМТ | 6 | 861 | 824 |
| Қарз ба муштариён | 7 | 1 406 | 3 677 |
| Воситаҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 8 | 1 743 | 1 349 |
| Воситаҳои асосӣ | 9 | 5 708 | 2 464 |
| Дороиҳои ғайри-моддӣ | 10 | 2 172 | 42 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 11 | 40 | - |
| Ҳисобҳо барои қабул | 12 | 41 305 | 2 968 |
| Дигар дороиҳо | 13 | 17 394 | 6 429 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **119 007** | **63 979** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Воситаҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 14 | 20 | 18 |
| Амонатҳои мизоҷон | 15 | 18 737 | 16 772 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 16 | 211 | 450 |
| Дигар уҳдадориҳои ҷорӣ | 17 | 26 051 | 13 467 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **45 018** | **30 707** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳҳомии пардохташуда | 18 | 69 000 | 30 000 |
| Захира барои хароҷотҳои оянда | | 42 | 42 |
| Захираи умумӣ | | 932 | 135 |
| Сармояи изофӣ | | 1 718 | 1 500 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 2 297 | 1 595 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **73 989** | **33 272** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **119 007** | **63 979** |

"ВАСЛ"

**Тютин О.С.**

**Директор**

**Давлатов Ф.**

**и.в. Сармуҳосиб**

**ҶДММ ТҚҒ "ВАСЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**

*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 19 | 3 043 | 1 358 |
| Хароҷоти фоизӣ | | (4) | (10) |
| **Даромади софи фоизӣ пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **3 039** | **1 348** |
| Даромад аз барқароршавии арзиши дороиҳо | 20 | 190 | 101 |
| Хароҷоти захираи беқурбшавии қарзҳо | | (351) | (179) |
| **Даромади фоизии соф** | | **2 878** | **1 270** |
| Даромад аз хизматрасонӣ | 21 | 1 790 | 1 424 |
| Хароҷотҳои хизматрасонӣ | | (4 558) | (1 630) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ** | | **(2 768)** | **(206)** |
| Фарқияти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 22 | 857 | 349 |
| Фарқияти холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | (406) | (26) |
| **Ҳамагӣ** | | **451** | **375** |
| Дигар даромадҳо | 23 | 10 073 | 3 967 |
| Дигар хароҷотҳо | | (134) | (59) |
| **Ҳамагӣ дигар даромади соф** | | **9 939** | **3 908** |
| Хароҷоти маъмурӣ | 24 | (7 630) | (3 302) |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **2 871** | **2 045** |
| Андоз аз фоида | 25 | (574) | (450) |
| **Фоидаи соф** | | **2 297** | **1 595** |

"ВАСЛ"

**Тютин О.С.**

**Директор**

**Давлатов Ф.**

**и.в. Сармуҳосиб**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Иҷозатнома оид ба хариду фурӯши яклухт ва чаканаи маснуоти заргарии аз металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо сохташуда №0000074, ба номи Низомова Зулхумор Алихановна, РМА: 046184719, ки санаи 23.07.2021, таҳти рақами №132, аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 ба номи Дустзода Умедҷони Қодирҷон, ки солҳои 2017-2018 аз ҷониби Литсейи касбӣ-техникии №37-и ноҳияи А. Ҷомӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ёров Далер Абдуҷамилович, РМА: 015992926, ки соли 2021 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии дороиҳо аз 5-уми декабри соли 2023, №0063683, ба номи Ким Владимир Петрович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Молодая Гвардия, хонаи 150, бинобар сабаби ғалати техникӣ доштанаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Якубов Наимҷон Абдугафурович, РЯМ: 073013351, РМА: 075670480, аз санаи 18.05.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Зайнидинов Ҷумабой, РЯМ: 0730225797, РМА: 075629608, аз санаи 30.11.2022, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Эргашев Юрсунали, РЯМ: 0730143205, РМА: 076032342, аз 14.12.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии Абдуғанибобо-2017 ба номи Турсунов Раҳматҷон, РЯМ: 07300198224, РМА: 075049616, аз санаи 06.02.2020, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад

► Васиятнома таҳти феҳрасти 5ғ-3811, ки аз 05.12.2018 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз номи Максумова Солия ба набераҳояш Максумов Ихтиёр Бахтиёрович ва Максумов Ислом Муродович дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 20-2578 аз 27.09.1993, ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат (собиқ Кофарниҳон) ба номи Усмонов Абдусалом Нугманович бо суроғаи ноҳияи Ваҳдат (собиқ Кофарниҳон), кӯчаи Юбилейная, хонаи 5, квартираи 14 ба расмият даровarda шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хона ва Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 1Ш-545, ки аз 11.05.2011 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Азизова Муқаддас Қаҳоровна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 10, ҳ. 32 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши маҷмааи "Маркази варзишии "Алмосӣ", ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳисор санаи 6-уми июли соли 2011, таҳти феҳристи №6ШД-110 ба Ташкилоти ҷамъиятии "Клуби футболбозии "Истиқлол" нисбат ба пойгоҳи варзишии "Алмосӣ", воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати деҳоти Хонақои Кӯҳӣ, деҳаи Арбоб дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми бинои поликлиника, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Роғун санаи 13-уми августи соли 2004, таҳти феҳристи №Ш78-21 ба номи Малангова Маҳрамой Лутфуллоевна нисбат ба қисми бинои поликлиника, воқеъ дар мавзеи поёнии курорти "Оби Гарм" дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Иброхимов Шарафчон Вохидович, №0217765, РЯМ: 1530025705, РМА: 155118691, санаи судур 28.09.2016, ки дар Нозироти андози ноҳияи Варзоб ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Иброҳимов Давлатхуҷа Исмоилович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, маҳаллаи Гулбутта 4, хонаи 381, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Атаҷонов Темур Расулович, РМА: 3330063725, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе санаи 21-уми октябри соли 2013, таҳти феҳристи №1Ш-1141 ба номи Маҳмадшоев Убайдулло Ҳайбуллоевич нисбат ба хонаи истиқоматии №77А, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоҷамбиёи Боло дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи кооперативи тиҷоратии "Нишон-Н", РЯМ: 3310006655, РМА: 330011019, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси Хоҷагии деҳқонии "Шодмон 2018", ба номи Ибрагимов Абдуманон, РЯМ: 3330072369, РМА: 335559081, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Соҳибкори инфиродӣ Сидиқова Робиамо Табарбековна, №0526279, РЯМ: 0430287147, РМА: 045707626, фаъолияташро қатъ менамояд.

► ҶДММ «Амир Тиҷорат», РЯМ: 0710011913, РМА: 070018953, аз санаи 26.04.2023 дар ш. Турсунзода бархам мехӯрад. Тамоми арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



### Гарав

Марде бо завҷааш ба тарабхона рафта, хӯрок тановул менамоянд, вале вақти ҳисобӣ кардан мард мебинад, ки пулҳояшро дар хона фаромӯш кардааст. Пешхизматро ҷеғ зада, мегӯяд:

- Ман завҷаамро дар ин ҷо гарав монда, худам барои пул меравам.

Пешхизмат дар ҷавоб мегӯяд:

- Шумо ягон чизи дигаратонро гарав монда наметавонед? Масалан, соати худро монед.

Мард ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Наход гарав мондани занам кифоя набошад?

Пешхизмат мегӯяд:

- Медонед чӣ, ман дар хона алакай як зан дорам...

### Шуғл ё булҳавасӣ

Мард аз зане суол мекунад:

- Шумо шавҳар доред?

Зан дар ҷавоб:

- Бале, шавҳари панҷумам аст.

Мард боз мепурсад:

- Бахшиш, ман донистан мехоҳам, ки ин амали шумо булҳавасӣ аст ё шуғли дӯстдошта?

### Рақобати шадид

Аз марди бекорхӯҷае мепурсанд:

- Ту дар куҷо кор мекунӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Дар ҳеҷ куҷо!

Боз мепурсанд:

- Ягон кор умуман мекунӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Ягон кор намекунам.

Ба ӯ мегӯянд:

- Шуғли хуб ёфтаӣ ку!

Мард мегӯяд:

- Ҳамин хелу лекин рақобат хеле шадид аст!

### Духтур

Марде гирифтори бемории кӯррӯда мешавад ва назди табиб меояд. Духтур баъди назорат ба ӯ мегӯяд:

- Як ресмонро мегирему як канорашро ба дари утоқ мебандем, дигарашро ба ҷои дардманди шумо, ман дарро яку якбора мекушоям ва мушкилатон рафъ мегардад.

Бемор мегӯяд:

- Шумо аниқ аппендиситро рафъ намуда метавонед?

Духтур мегӯяд:

- Медонед, ҳамаи духтурони ҷарроҳи шуъбаи мо корро партофта рафтанд, ман бошам, духтури дандон ҳастам. Ҳар коре, ки аз дастам меояд, ҳамонро мекунам.

### Давомнокии моҳ

Аз майхорае мепурсанд:

- Ту дар як моҳ чанд маротиба шароб менӯшӣ?

Майхора дар ҷавоб:

- Ҳамааш аз давомнокии моҳ вобастагӣ дорад, гоҳе сӣ рӯз, гоҳи дигар сиву як рӯз.

### Тағйирот

Шавҳар ба занаш мегӯяд:

- Занак, ман ба қароре омадам, ки бояд дар зиндагии худ тағйирот ворид намоям!

Зан дар ҷавоб:

- Чӣ гуна? Ту минбаъд ба болои телевизор нишаста, диванро тамошо мекунӣ?

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## ХАНДАРЕЗ

*Хасис меҳмонашро то дами дар гусел карда, “хайр боз...” гуфту пас аз хеле дур рафтани меҳмон зери лаб суханашро давом дод: “Биёед”.*

***

*- Хайрият, ки курсии мансаб шудани ҳеҷ курсӣ аз ибтидо маълум нест, вагарна ҳар рӯз дар коргоҳи мо кашокашӣ мешуд,- шукр мекарданд кормандони коргоҳи мебел.*

***

*Ба табар ситеза карда, чӯбро бо даст пора карданӣ шуд. Дасташ шикаст.*

***

*Ностуфкунак филиали даҳони носкаш аст.*

***

*“Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест”,- бихонд марде аз китобе ва зери лаб гуфт: “Ишқ ҳам суҳбати занҳо барин будааст”.*

***

*Зимистон ба арӯси фаслҳои сол - баҳор дил бохта, онро ба оғӯш кашид.*

*Оқибат гиёҳу дарахтонро хунук зад.*

***

*Аз лабонат бӯса кардаму лаби шикастаи тағораамон ба ёдам омад, занакҷон. Гӯр шикастурехти зиндагӣ шавад!*

***

*Ягона чизи хонданбоби китоби нависанда Н. пешгуфтори ба он навиштаи нависандаи машҳур А. буд.*

***

*Пурхӯре орзу мекард: Эй кош, шикам дар тахтапушт ҷойгир мебуд: бардошта гаштанаш осонтар мешуд.*

***

*Дурӯя рақами 6-ро монад: сар боло кунад, ба 9 мушобеҳу сар хам кунад, ба 6.*

***

*Мунаққиде ба китоби тозаи ҳаҷвнигор тақризи сермурчу қаламфуре навишта, аз тарси қалами ҳаҷвнигор тақризро дар қавсайн ҳазли рафиқона номид.*

***

*Адибе чун дид, ки шаробфурӯш ба шароб об ҳамроҳ карда мефурӯшад, зуд ба ҳикояаш ибораву ташбеҳоти адибони дигарро ҳамроҳ карда, ба нашриёт супурд.*

***

*Ҳаҷвнигорро танқид кардан ба хонаи занбӯр чӯб хастанро монад.*

***

*“Даҳони пӯшида сад тилло” гуфта, хомӯш нишаст. Аз ин истифода карда, ҳазор тиллояшро рабуданд.*

***

*Сухани марди тамаъхоҳ ҳомила аст.*

***

*Лангро табиб карданд: то ҳол бо пойи худ овора аст.*

***

*Ягона айби ӯ ин буд, ки пеш-пеши ақлаш мегашт.*

***

*Бархеро чирки танаи шер будан ҳам шараф аст.*

***

*Сари дардманд ба каду ҳасад мебарад.*



**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

